
Ҷонатан
Свифт
Саёҳати
Гулливер



ҶОНАТАН СВИФТ
(1667 — 1745)

*Нависанда ва арбоби давлатии Англия буда, бо асарҳои зиёди худ, аз ҷумла: «Афсона дар бораи бочка» (1704), «Мактубҳои моҳутбоф» (1726), «Таклифи ҷиддӣ» (1729) ва ғайраҳо дар байни хонандагон машҳур аст.*



Ҷонатан Свифт

# САЁҲАТИ ГУЛЛИВЕР

Нашриёти «Маориф» 1981

С 43
И (Англ)

Государствен
респуб. библ. Тадж.
им. А. Фирдоуси

108601 И (Англ)

Рассом М. А. КРАСНОПОЛЬСКИЙ

С $\frac{70802 - 893}{М 504(13) - 81}$ 148 — 81

© Нашриёти «Маориф», 1981.

# ГУЛЛИВЕР ДАР БАЙНИ ЛИЛИПУТҲО



# 1

Киштии сетираи «Антилопа» ба сафари океани Ҷанубӣ мебаромад.

Дар тарафи думи киштӣ духтури киштӣ Гулливер истода, бо дурбини якмила ба бандар нигоҳ мекард. Дар он ҷо зан ва ду бачаи ӯ: писараш Ҷонни ва духтараш Бетти монда буданд.

Ин дафъаи якум набуд, ки духтур Гулливер ба сафари дарьё мебаромад. Ӯ сафар карданро дӯст медошт. Ӯ ҳанӯз, вақте ки дар мактаб мехонд, қариб ҳамаи пулҳои падараш мефиристодагиро ба харитаҳои баҳрҳо ва барои китобҳое, ки дар бораи мамлакатҳои бегона навишта шудаанд, сарф мекард. Ӯ география ва илми ҳисобро боғайрат меомӯхт, зеро ки ин фанҳо барои одами дарьёгард аз ҳама ҳам зарууртар мебошанд.

Падари Гулливер ӯро ба пеши як духтури лондонӣ, ки дар ҳамон замон духтури машҳур буд, барои хондан монд. Гулливер дар пеши ин кас чанд солҳо хонд, вале фикри дарьёгардӣ аз сари ӯ дур намешуд.

Кори духтурӣ ба вай даркор шуда монд: вақте ки ӯ таҳсилро тамом кард, ба кори духтурии «Фарошту-рук» ном киштӣ даромад ва дар он киштӣ сеюним сол дарьёгардӣ кард. Баъд аз он дар киштии калоне, ки «Умеди нек» ном дошт, чанд борҳо ба сафари Ҳиндустони Ғарбӣ ва Ҷанубӣ баромад.

Гулливер дар вақти дарьёгардӣ ҳеҷ гоҳ дилгир намешуд. Ӯ дар киштӣ дар ҳуҷраи худ китобҳои аз хона гирифта овардагиашро мехонд, аммо вақте ки ба соҳил мерасид, зиндагонии қавмҳои дигарро та-мошо мекард, забон ва урфу одатҳои онҳоро дар хотираш нигаҳ медошт.

Дар вақти бозгаштан саргузаштҳои сафариашро пурра менавишт.

Ин дафъа ҳам, вақте ки ӯ ба сафари дарьё ме-баромад, бо худ як дафтарчаи хатнависии ғафсе гирифт.

Дар саҳифаи аввали ин дафтарча чунин навишта шуда буд:

«4-уми маи соли 1699 мо аз Бристал ҳаракат кардем».

## 2

Киштии «Антилопа» ҳафтаҳо ва моҳҳои бисьёре дар океани Ҷанубӣ шино мекард. Шамол ба тарафи рафти киштӣ мевазид. Сафар муваффақиятнок ме-гузашт.

Лекин, рӯзе ҳангоми гузаштан ба роҳи Ҳиндус-тони Шарқӣ, киштӣ ба шамоли сахте дучор шуд. Шамол ва мавҷҳои дарьё киштиро ба ҷои номаълуме ронда бурданд.

Дар анбори киштӣ бошад, акнун захираи хӯрок-

ворй ва об ҳам тамом шуда истода буд.

Дувоздаҳ матрос аз беморй ва гуруснагй мурданд. Дигарон бошанд, аз ҳол рафта, пойҳояшонро базўр ҳаракат медоданд. Шамол киштиро монанди тахтачае аз як тараф ба тарафи дигар гирифта ҳаво медод.

Дар як шаби торики пурталотум шамол «Антилопа»-ро рост ба тарафи як харсанги тезе ронда бурд. Вале вақте ки матросҳо инро пай бурданд, дигар кор аз даст рафта буд. Киштй ба теғаи тези харсанг дакка хўрд ва шикаста мисли параха майда-майда шуд.

Танҳо Гулливер ва панҷ матроси дигар худро ба қаиқи киштй гирифта саломат монданд.

Онҳо медонистанд, ки дар ҳамон наздикиҳо хушкие ҳаст ва умедвор буданд, ки худро то ба он ҷо бирасонанд.

Онҳо муддати дароз, то қувват доштанд, дар байни мавҷҳои дарьё гаштанд. Вале мавҷи дарьё бошад, торафт пурзўртар мешуд ва ниҳоят як мавҷи калони баланде қаиқро бардошта партофта, чаппа кард.

Об Гулливерро тамоман гўр кард.

Вақте ки ў ба рўи об баромад, дар паҳлуяш касе набуд: ҳамаи ҳамроҳони вай ғарқ шуда буданд.

Гулливер танҳо худаш ба кадом тарафе,ки чашмаш афтад, ба ҳамон тараф шино мекард ва ўро шамол ва мавҷҳои дарьё пеш мебурданд. Ў дам ба дам пои худро поин мекард, ки шояд пояш ба таги дарьё расад, лекин пояш ба таги дарьё намерасид. Гулливер дигар шино карда наметавонист: либоси таршуда ва ботинкаҳои варамкардаи вазнин ўро ба поин мекашиданд. Ба гулўяш об медаромад, нафасаш мегашт.

Нохост пойҳои ў замини сахтро ҳис карданд.

Ин ҷои пасти дарьё буд. Гулливер ба по истод ва роҳ гашта рафт.

Ӯ ҳар қадар роҳ равад ҳам, ба канори дарьё ҳеҷ расида наметавонист.

Ниҳоят об ва рег дар ақиб монданд.

Гулливер алафзореро дид, ки дар он алафҳои хеле нарм ва қадпаст расида буданд. Вай аз об дуртар хазид ва дар як ҷо ёзида сахт ба хоб рафт.

## 3

Вақто ки Гулливер аз хоб бедор шуд, тамоман рӯз шуда буд. Офтоб рост бар болои сари вай меистод.

Ӯ мехост, ки чашмонашро молиш диҳад, вале дастонашро боло карда наметавонист; мехост, ки хеста нишинад, вале ҷунбида наметавонист.

Ӯ рӯболо хоб карда буд ва фаҳмид, ки дасту пояш ба замин маҳкам баста шудааст.

Тамоми бадани ӯро аз зери бағал то зонуяш ресмонҳои борик печонида гирифта буданд. Ресмончаҳо ба ҳар як ангушти ӯ печида буданд.

Ҳатто мӯйҳои дароз ва ғафси Гулливер ба мехчаҳои чӯбини ба замин кӯфташуда таранг печонида ва бо ресмонҳо дарун ба дарун бофта шуда буд.

Гулливер ба моҳие монанд буд, ки вайро бо тӯр гирифта бошанд.

Ӯ хаёл мекард, ки: «Шояд ман ҳоло дар хоб бошам».

Нохост чизе монанди муш ба тезӣ ба рӯи пои ӯ давида баромад. Баъд ба рӯи шикамаш часпида баромад, мулоимона ба рӯи синааш хазид ва ба манаҳаш баланд шуд.

Гулливер бо гӯшаи чашм ба вай нигоҳ кард.

Ин чӣ аҷибаест?

Дар худи манаҳи ӯ як одамчае рост истода буд.



Ин одамчаи ҳақиқие буд, ки дасту по дошт. Дар сари вай тоскулоҳи дурахшон, дар дастонаш тиру камон, дар тахтапушташ тирдон буд.

Ин одамча аз бодиринг калонтар набуд. Аз ҳамин хел одамчаҳо панҷ нафарашон ба рӯи кафи дасти Гулливер нишаста метавонистанд.

Аз паси одамчаи якум боз чил нафар ҳамин хел тирандозони хурд ба болои Гулливер хез зада баромаданд.

Гулливер аз ҳайраташ якбора фарьёде баровард.

Одамчаҳо саросема шуданд ва якбора пароканда

гардиданд. Онҳо дар вақти гурехтан пешпо мехӯрданд, меғалтиданд ва боз ҷаста ба по хеста аз паси якдигар худро ба рӯи замин мепартофтанд. Бисьёре аз онҳо сахт зарб хӯрданд, пои як нафарашон баромад.

Ду-се дақиқа ба Гулливер ҳеҷ кас наздикӣ накард. Фақат ба гӯши вай ҳамеша доду фарьёде шунида мешуд, ки ба чиррос задани малахи чирчирак монанд буд.

Вале базудӣ одамчаҳо боз далер шуданд ва боз ба рӯи пойҳои ӯ часпида баромадан гирифтанд. Як нафар хеле нотарстарашон поида-поида ба рӯи Гулливер наздик шуда, найзаашро ба манаҳи вай расонду бо овозаки маҳин ва буррояш фарьёд кард:

— Гикина дегул!

— Гикина дегул! Гикина дегул! — гуфта садоҳои маҳин аз ҳар тараф ба вай ҳамовоз шуданд.

Гулливер ҳарчанд бисьёр забонҳои хориҷиро медонист, лекин маънии ин суханҳоро нафаҳмид.

Гулливер хеле вақт боз рӯболо хоб мекард.

Дасту пои ӯ тамоман карахт шуда буд.

Ӯ қувваташро ба як ҷо ҷамъ кард ва хост, ки дасти чапашро аз замин ҷудо кунад.

Ниҳоят ин корро карда тавонист. Мехчаҳоеро, ки ба онҳо садҳо ресмончаҳои борик маҳкам печонида шуда буд, аз замин кашида гирифт ва дасташро боло кард.

Дар ҳамон дақиқа касе аз поин чиррос зад:

— Толго фонак!

Якбора ба даст, ба рӯй ва гардани Гулливер садҳо тир халид.

Тирҳои одамчаҳо нӯги сӯзан барин борикак ва тез буданд.

Гулливер чашмонашро пӯшид ва қарор дод, ки то шаб аз ҷояш наҷунбад.

Ӯ фикр мекард, ки: «Дар торикӣ халосӣ ёфтан осон хоҳад шуд».

Лекин дар алафзор мунтазири шаб шуда ба мақсад расидан ба ӯ муяссар нагардид.

Ӯ дар наздикии гӯши рости худ як тиқ-тиқи бисьёр тез-тезро мешунид, ки гӯё касе дар наздикии вай бо болғачаҳо чормағз мешикаст.

Болғачаҳо як соати тамом тиқ-тиқ карданд.

Гулливер сари худро гардонда нигоҳ кард (ресмончаҳо ва мехчаҳо намегузоштанд, ки сарашро бисьёртар гардонад) ва дар худи паҳлуи сараш дид, ки аз тахтаҳои нав як суфачаи чӯбин сохта шудааст. Якчанд одамчаҳо ба тахтаҳо мехҳои охиринро мекӯфтанд.

Баъд аз он одамчаҳо гурехтанд ва як одамчае ки дар танаш плащ дошт, оҳиста-оҳиста бо зинапояҳои нардбон ба тахтасуфа баромад.

Аз пушти вай боз як одамчае мерафт, ки аз одамчаи аввалӣ ду маротиба хурдтар буд ва домани плащи ӯро дошта мерафт. Эҳтимол ин маҳрамбача[1] буд. Вай аз ангушти хурди Гулливер калонтар набуд.

Дар охир ду нафар тирандоз ба тахтасуфа баромаданд, ки инҳо дар дасташон камонҳоро таранг кашида меистоданд.

— Лангро дегул сан! — гуфта одамчае, ки дар бараш плащ дошт, се бор фарьёд кард ва лӯлакоғазеро яла кард, ки калониаш коғази конфет барин буд.

Дарҳол ба сӯи Гулливер панҷоҳ нафар одамчаҳо давида омаданд ва ресмонҳои ба мӯйҳои ӯ печондашударо буриданд.

[1] *Маҳрамбача* — бачае, ки дар дарбори подшоҳ хизмат мекунад.

Гулливер сарашро гардонд ва гӯш дод, ки одамчаи плащдор чӣ мехонад. Одамча хеле вақт коғазро хонд ва гап зад.

Гулливер ҳеҷ чиз намефаҳмид, вале дар ҳар ҳол сар меҷунбонид ва дасти озодашро ба сари синааш мегузошт.

Ӯ тахмин кард, ки ин одам элчии подшоҳ аст.

Пеш аз ҳама Гулливер қарор дод аз элчӣ хоҳиш кунад, ки ба ӯ хӯрок диҳанд. Аз он даме ки вай аз киштӣ ҷудо шуда буд, ба даҳонаш резаи нон ҳам нарасида буд. Ӯ ангушташро боло кард ва якчанд бор ба лабонаш расонид.

Одамчаи плащпӯш ким-чӣ гуфта ҷавоб дод. Баъд аз он вай аз тахтасуфа фуромад ва фармон дод, ки ба паҳлуҳои Гулливер якчанд нардбонҳои дароз оварда монанд.

Зиёда аз сад борбардорон дуқат шуда ба даҳони Гулливер дар сабадҳо хӯрокворӣ мекашонданд.

Дар сабадҳо ҳазорҳо дона нон буда, калонии ҳар як нон ба қадри донаи нахӯд буд, калонии ронҳои бутуни хук чормағз барин, чӯҷаҳои бирьён аз магасҳои мо хурдтар буданд.

Гулливер ду рони хукро бо ҳамроҳии се нон якбора фурӯ бурд. Ӯ гӯшти пухтаи панҷ сар барзагов, гӯшти қоқ кардашудаи ҳашт гӯсфанд, гӯшти дуд додашудаи дувоздаҳ сар хукбача ва қариб дусад чӯҷа ва ғозро хӯрд.

Сабадҳо зуд холӣ шуданд. Пас аз он одамчаҳо ба пеши дасти Гулливер ду бочка виноро ғелонида оварданд. Бочкаҳо хеле калон буданд — калонии ҳар кадом бочка стакан барин буд.

Гулливер тахтаҳои таги бочкаҳоро канда партофт ва бо якчанд хӯрт кашидан ду бочкаро ҳам холӣ кард.

Одамчаҳо аз ҳайрат ангушт мегазиданд.

Баъд аз он онҳо аз вай бо имову ишорат хоҳиш карданд, ки бочкаҳои холиро ба замин партояд. Гулливер ҳар ду бочкаро ба замин ҳаво дод. Бочкаҳо дар ҳаво чарх заданд ва кафида ба ҳар тараф ғелида рафтанд.

Мардуми дар алафзорбуда фарьёдкунон ба ҳар тараф пароканда шуданд.

— Бора мевола! Бора мевола! — мегуфтанд онҳо.

Баъд аз нӯшидани май Гулливерро хоб зер кард. Ӯ хоболудона ҳис менамуд, ки одамчаҳо дар рӯи бадани ӯ тохтутоз мекарданд, аз болои ӯ аз кӯҳ ғелидагӣ барин меғелиданд. Ӯро бо чӯбҳо ва найзаҳо қитиқ мекарданд, аз як ангушташ ба ангушти дигараш ҷаҳида мегузаштанд.

Ӯ мехост, ки даҳ-бист ҷаҳандагонро дастгир кунад, вале чашмонаш худ ба худ пӯшида шуданд ва ба хоби сахт рафт.

Одамҳо ҳам фақат ана ҳаминро поида истода буданд. Онҳо қасдан ба бочкаҳои вино доруи хобоварро андохта буданд, то ки меҳмони аҷибро хобонанд.

## 4

Мамлакате, ки тӯфон Гулливерро ба он ҷо бурд, Лилипутистон номида мешуд. Дар он мамлакат лилипутҳо зиндагонӣ мекарданд.

Дар Лилипутистон дарахтҳои хеле қадбаландтарин аз буттаи ангури сагак калонтар набуда, биноҳои бисьёр калон аз стол пасттар буданд.

Дар Лилипутистон Гулливер барин одами калонро ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ надида буд.

Подшоҳ фармон дода буд, ки Гулливерро ба пойтахт биёваранд. Барои ҳамин буд, ки Гулливерро дору дода хобонданд.

Бо фармони подшоҳ панҷсад нафар дуредгар ва сад нафар инженер як аробаи калони бистудучарха сохтанд.

Ароба дар муддати якчанд соат тайёр шуда буд, лекин ба ин ароба бор кардани Гулливер он қадар кори осон набуд.

Инженерҳои лилипут илоҷи ин корро мана ин тавр фикр карда ёфтанд:

Онҳо аробаро дар худи паҳлуи одами калони хобидагӣ оварда гузоштанд.

Баъд ҳаштод сутунчаҳои нӯгашон ғарғарадорро ба замин кӯфтанд ва ба ин ғарғараҳо арғамчинҳои ғафсе гузаронданд, ки як нӯги ин арғамчинҳо чангчадор буд. Арғамчинҳо аз ресмони муқаррарӣ ғафстар набуданд.

Лилипутҳо ба кор сар карданд.

Онҳо тамоми бадан, ҳар ду дасту пои Гулливерро бо бандинаҳои маҳкам гирдогирд печонда гирифтанд ва ин бандинаҳоро ба чангчаҳо гузаронда, ба воситаи ғарғара ба кашидани арғамчинҳо сар карданд.

Нӯҳсад нафар паҳлавонҳои овозадори яккачин барои ин кор аз тамоми гӯша ва канорҳои Лилипутистон ҷамъ омада буданд.

Онҳо пойҳояшонро ба замин сахт зер карда, арғамчинҳоро дудаста мекашиданд ва дар зери обу арақ монда буданд.

Баъд аз як соат зӯр задан онҳо Гулливерро аз замин ба қадри ним ангушт бардоштанд, баъд аз ду соат ба қадри як ангушт бардоштанд ва пас аз се соат Гулливерро ба ароба бор карданд.

Якуним ҳазор аспони бисёр калони дарбори подшоҳӣ дар ҳар қатор даҳтогӣ ба ароба баста шуда буданд.

Фойтунчиҳо аспҳоро бо қамчинҳо қулоҷкашӣ кар-

да, зада ба сӯи шаҳри марказии Лилипутистон — Милдендо ронданд.

Гулливер ҳанӯз ҳам дар хоб буд. Агар як нафар офицери гвардияи подшоҳӣ ӯро нохост бедор намекард, эҳтимол ки ӯ дар тамоми роҳ бедор намешуд.

Ин кор ҳамин тавр воқеъ шуд:

Як чархи ароба баромада рафт. Лозим омад, ки аробаро нигоҳ дошта, дуруст кунанд.

Якчанд офицери ҷавон қарор доданд, ки аз ин нигоҳ дошта шудани ароба истифода бурда, дар вақти хоби Гулливер рӯи ӯро тамошо кунанд.

Онҳо ба аспҳои худ савор шуда ба назди ароба омаданд ва яке аз онҳо ба сӯрохи чапи бинии Гулливер нӯги найзаи худро даровард.

Гулливер биниашро чин карда баланд атса зад.

— Аптшу! — акси садо такрор шуд.

Офицерҳо аспҳояшонро бошитоб тозонда аз ароба дур шуданд.

Гулливер бедор шуд, қамчинзании аробакашҳоро шунид ва пай бурд, ки ӯро ба ягон ҷое бурда истодаанд.

Аспҳои кафккарда тамоми рӯз Гулливерро бо роҳҳои Лилипутистон кашида мебурданд.

Танҳо шабона бевақтӣ ароба истод ва аспҳоро барои хӯрок ва об додан яла карданд.

Тамоми шаб дар ҳар ду тарафи ароба ҳазор нафар аскарони подшоҳ ба посбонӣ истоданд, ки панҷсад нафарашон бо машъалҳо ва панҷсад нафари дигар дар даст камонҳоро тайёр карда меистоданд.

Ба тирандозон фармон дода шуда буд, ки агар Гулливер ақаллан андаке ҳам бошад ба ҷунбидан ҳаракат кунад, ба сӯи ӯ панҷсад тир андозанд.

Вақто ки субҳ дамид, ароба боз ба роҳ даромад.

# 5

Дар наздикии дарвозаи шаҳр, дар як майдоне қасри қадимаи холие воқеъ шуда буд, ки дар ду гӯшааш ду манора дошт. Дар ин қаср хеле вақт боз ҳеҷ кас истиқомат намекард.

Лилипутҳо Гулливерро ана ба ҳамин қаср оварданд.

Ин қаср дар тамоми Лилипутистон бинои аз ҳама бузургтарин буд. Манораҳои вай қариб баробари қади одам буданд. Аз дари калони вай Гулливер барин одами бузург гавак кашида бемалол даромада метавонист, дар зали қабули вай бошад, эҳтимол қадашро рост карда ҳам метавонист.

Подшоҳи Лилипутистон Гулливерро дар ҳамин қаср ҷой доданӣ буд.

Аммо Гулливер ҳанӯз инро намедонист. Ӯ дар аробаи худ дароз кашида хоб карда буд ва ба назди ӯ аз ҳар тараф гурӯҳҳои лилипутҳо давида меомаданд..

Дастаи посбонони савора одамони кунҷков ва ҳангоматалабро пеш мекард, вале бо вуҷуди он то вақте ки Гулливер дар бандубаст буд, қариб даҳ ҳазор одамчаҳо бар болои пойҳо, шикам ва зонуҳои ӯ гаштугузор карданд.

Нохост ба пои ӯ зарбаи чизе расид. Ӯ ба пояш нигоҳ кард ва дид, ки якчанд лилипутҳо бо остинҳои барзада ва пешгирҳои сиёҳ истодаанд. Дар дастҳои онҳо болғачаҳои хеле майда медурахшиданд.

Инҳо оҳангарони дарбори подшоҳ буданд, ки Гулливерро бо занҷир бандубаст мекарданд.

Онҳо аз девори қаср ба пои ӯ наваду як занҷирча гузаронданд ва ин занҷирчаҳоро бо сию шаш қулф

дар буҷули пои ӯ қулф заданд. Занҷирчаҳо ҳамин қадар дароз буданд, ки Гулливер метавонист дар майдончаи пеши қаср гашт кунад ва озодона ба хонааш гавак кашида дарояд.

Оҳангарон корашонро тамом карда рафтанд. Дастаи посбонон нӯгҳои ресмонҳоро бурииданд ва Гулливер ба по хест.

— О-оҳ! — гуфта лилипутҳо фарьёд карданд. — Куинбус Флестрин! Куинбус Флестрин!

Маънии ин гап дар забони лилипутӣ: «Одамкӯҳ! Одамкӯҳ!» аст.

Гулливер боэҳтиёт вазнашро аз як пой ба пои дигараш партофт, то ки ягон нафар аз аҳолии маҳаллиро пахш накунад ва ба атроф назар андохт.

Ҳанӯз ҳеҷ гоҳ ӯ чунин мамлакати хушманзараеро надида буд. Дар ин ҷо бешаҳо, киштзорҳо ва боғҳо ба гулзорҳои пур аз гулҳои рангоранг монанд буданд. Рӯдчаҳо ба ҷӯйчаҳо тақсим шуда ҷорӣ мешуданд ва шаҳр аз дур ба шаҳрчае, ки барои бозии бачагон сохта бошанд, монанд буд.

Гулливер чунон ғарқи тамошо гардида буд, ки дар гирди худаш ғун шудани қариб ҳамаи аҳолии пойтахтро надониста монд.

Лилипутҳо даври пои ӯро гирифта, тугмаҳои ботинкаи ӯро даст зада медиданд ва сарҳошонро чунон боло мебардоштанд, ки кулоҳи сарашон ба замин меафтид.

Бачагон бо якдигар гарав мебастанд, кадоме аз онҳо метавонад санге андозад, ки то ба худи бинии Гулливер рафта расад.

Дар бораи аз куҷо омадани Куинбус Флестрин олимон байни худ гуфтугӯ мекарданд ва баҳс менамуданд.

Яке аз олимҳо гуфт:

— Дар китобҳои кӯҳнаи мо навишта шудааст, ки ҳазор сол пеш аз ин баҳр ба канори мамлакати мо як наҳанги бадҳайбатеро бароварда партофтааст. Ба гумони ман Куинбус Флестрин ҳам аз таги баҳр баромадааст.

— Не,— гуфта ҷавоб дод олими дигар,— наҳанги баҳрӣ бояд гӯшмоҳӣ ва дум дошта бошад. Куинбус Флестрин аз Моҳ афтодааст.

Донишмандони лилипут намедонистанд, ки дар рӯи дунъё мамлакатҳои дигаре низ ҳастанд ва онҳо гумон мекарданд, ки дар ҳама ҷо танҳо лилипутҳо зиндагонӣ мекунанду бас.

Олимон хеле вақт дар гирди Гулливер давр зада сарҷунбонӣ карданд, вале аз куҷо пайдо шудани Куинбус Флестринро муайян карда натавонистанд.

Савороне, ки аспҳои сиёҳ доштанд, мардумро бо найзаҳо ронда пароканда карданд. Бузургии аспҳо гурбаи навзод барин буд.

— Пеплам селъян! Пеплам селъян! — гуфта саворон фаръёд карданд.

Назари Гулливер ба як қуттичаи тиллое афтод, ки дар болои ғилдиракҳо истода буд. Ин қуттичаро аробаи шашаспаи аспонаш сафед кашида меовард. Аз паҳлуи он одамчае савори аспи сафед ва дар сараш кулоҳи тиллоӣ асп давонда меомад.

Одамчае ки кулоҳ дошт, рост ба пеши ботинкаи Гулливер омада расид ва аспи худро тис кард. Асп фах-фахкунон пойҳои пеши худро баланд кард.

Дарҳол якчанд офицер аз ду тараф ба назди савора давида омаданд ва ҷилави аспи ӯро гирифта, боэҳтиёт ӯро аз пеши пои Гулливер дуртар бурданд.

Савори бар аспи сафед нишаста подшоҳи Лилипутистон буд. Дар фойтуни болопӯшидаи тиллоӣ бошад, малика — зани подшоҳ нишаста буд.



168601

Чор нафар маҳрамбача ба алафзор матои махмалин паҳн карданд, ба рӯи он курсии паҳлудоре гузоштанд, ки калониаш қуттии гӯгирд барин буд ва даричаҳои фойтунро кушоданд.

Малика берун омад ва куртаашро ба тартиб дароварда ба курсӣ нишаст.

Дар атрофи ӯ дар курсичаҳои тилло хонимҳои дарбори ӯ нишастанд.

Пӯшоки онҳо чунон дабдабанок буд, ки тамоми алафзор ба юбкаи паҳн кардашудае монанд гашт, ва он юбка гӯё аз тилло, нуқра ва шоҳиҳои ранторанг гулдӯзӣ карда шуда буд.

Подшоҳ аз асп фуромад ва чанд бор дар гирди Гулливер пиёда гардиш кард. Аз паси ӯ надимонаш мерафтанд.

Барои ин ки подшоҳро дурусттар аз назар гузаронад, Гулливер ба паҳлу хобид.

Қади подшоҳ ҳеҷ набошад, ба қадри як қади нохун аз аҳли дарбори худ баландтар буд. Баландии қади ӯ баробари ду ангушт буда ва эҳтимол вай дар Лилипутистон одами аз ҳама қадбаланд шумурда мешуд.

Подшоҳ дар дасташ шамшери бараҳнае дошт, ки андак дарозтар аз қади гӯгирд буд. Дар рӯи даста ва ғилофи тиллои он бриллиантҳо медурахшиданд.

Ҷаноби олӣ сарашро бардошта, чизе аз Гулливер пурсид.

Гулливер саволи ӯро нафаҳмид, вале ба ҳар ҳол дар бораи он ки чи гуна одам аст ва аз куҷо омадааст, ба подшоҳ нақл кард.

Подшоҳ танҳо як китф ҷунбонда монд.

Баъд аз он Гулливер худи ҳамон гапашро бо забони немисӣ, голландӣ, лотинӣ, юнонӣ, французӣ, испанӣ, италиянӣ ва туркӣ гуфта дод.



Аммо, чунон ки маълум шуд, подшоҳи Лилипутистон ин забонҳоро намедонистааст.

Ӯ ба Гулливер сар ҷунбонида ишорае карду ба аспи худ савор шуд ва босуръат асп ронда ба Милдендо бозгашт. Аз паси ӯ малика ҳам бо хонимҳои худ равон шуд.

Гулливер бошад, мисли саги занҷирбанде, ки дар пеши будка хобида бошад, дар пеши қаср монд.

## 6

Бегоҳирӯзӣ ба назди Гулливер, ҳеҷ набошад, сесад ҳазор лилипутҳо — ҳамаи аҳолии шаҳр ва тамоми деҳқонони қишлоқҳои ҳамсоя ҷамъ омаданд.

Ҳар кас мехост чӣ хел будани Куинбус Флестрин — Одамкӯҳро тамошо кунад.

Гулливерро дастаи қаровулон посбонӣ мекард, посбонон дар даст найза, камон ва шамшерҳо доштанд. Ба посбонон амр дода шуда буд, ки касеро ба наздикии Гулливер роҳ надиҳанд ва хабардор бошанд, ки ӯ занҷирҳоро канда нагурезад.

Ду ҳазор солдат дар пеши қаср саф кашида меистоданд, ва бо вуҷуди ин як тӯдачаи аҳолии шаҳрӣ аз байни саф зада гузашт.

Баъзеҳо пошнаи пойафзоли Гулливерро тамошо мекарданд, баъзеҳо ба сӯи ӯ сангчаҳо мепаррониданд ё ки бо камонҳо тугмаҳои камзӯлчаи ӯро ба нишон мегирифтанд.

Тири як нишонзан гардани Гулливерро харошида гузашт, тири дуюм қариб ба чашми чапаш расид.

Сардори дастаи посбонон фармон дод, ки ин одамҳои шӯхи вайронкорро дастгир кунанд ва баста ба Куинбус Флестрин супоранд.



Ин кор ҷазои аз ҳама даҳшатноктар буд.

Солдатҳо шаш нафар лилипутро бастанд ва бо нӯгҳои кунди найзаҳояшон тела дода ба пеши пойҳои Гулливер ронда бурданд.

Гулливер хам шуд ва ҳамаи онҳоро бо як дасташ тӯда карда гирифту ба кисаи камзӯли худ андохт.

Танҳо як нафар одамчаро дар кафи дасти худ нигоҳ дошта, боэҳтиёт бо ду ангушташ аз паҳлуи ӯ дошт ва ӯро бодиққат тамошо кардан гирифт.

Ин одамча бо ҳар ду дасташ ба ангушти Гулливер часпид ва чиррос зада фарьёд кард.

Ба ҳоли ин одамча дили Гулливер сӯхт. Ӯ ба одамча навозишкорона табассуме кард ва аз кисаи камзӯлчаи худ кордчаи қаламтарошро баровард, то ки ресмонҳои ба пои лилипут печонидашударо бибурад.

Лилипут дандонҳои дурахшони Гулливерро дид, назараш ба корди калон афтод ва боз ҳам баландтар фарьёд кард. Мардум дар поён аз тарс тамоман шах шуда монданд.

Гулливер бошад, оҳистекак як ресмонро бурид, ресмони дигарро ҳам бурид ва одамчаро ба замин гузошт.

Баъд аз ин он лилипутҳоеро ҳам, ки дар кисааш саросемавор мегаштанд, бо навбат раҳо кард.

— Глюм глефф Куинбус Флестрин! — гуфта мардум садо бароварданд.

Дар забони лилипутӣ маънии ин чунин аст: «Зинда бод Одамкӯҳ!»

Сардори дастаи посбонон ду офицери худро ба қасри подшоҳ фиристод, ки дар бораи ҳамаи ин воқеа ба худи подшоҳ арз кунанд.

## 7

Ва ҳол он ки дар қасри Белфаборак, дар зали аз ҳама даруннтар, подшоҳ машварати махфӣ мекард, то ҳал намояд, ки дар ҳаққи Гулливер чӣ чора бинад.

Вазирон ва машваратчиён байни худ нӯҳ соат мубоҳиса карданд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки Гулливерро ба зудӣ куштан даркор. Агар мабодо Одамкӯҳ занҷири худро пора карда гурезад, ӯ метавонад тамоми Лилипутистонро лагадмол кунад. Ва агар ӯ нагурезад, ба сари империяи мо гуруснагии даҳшатноке хоҳад омад, чунки ӯ ҳар рӯз чунон нон ва гӯшти бисьёре мехӯрад, ки ин аз хӯроки 1728 нафар лилипут ҳам зиёдтар аст. Инро олиме ҳисоб карда баромадааст, ки ӯро барои ҳисобдони нағз буданаш ба маҷлиси машваратии махфӣ даъват карда буданд.

Баъзеҳо исбот мекарданд, ки куштани Куинбус Флестрин ҳам монанди зинда монданаш инчунин хатарнок аст.

Аз пӯсидани ин тавр як ҷасади бузург мумкин аст, ки на танҳо дар пойтахт, балки дар тамоми империя касалии вабо сар шавад.

Вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел аз подшоҳ ба гап задан иҷозат гирифт ва гуфт, ки Гулливерро, ақаллан то вақте ки дар атрофи Милдендо қалъаи наве сохта нашавад, куштан лозим нест. Гулливер аз 1728 нафар лилипут зиёдтар нону гӯшт хӯрад ҳам, лекин дар ивази он кори 2000 лилипутро иҷро карда метавонад. Ғайр аз ин дар замони ҷанг Одамкӯҳ метавонад беҳтар аз панҷ истеҳком мамлакатро мудофиа кунад.

Подшоҳ бар тахти худ дар зери соябон менишаст ва гӯш медод, ки вазирон чӣ мегӯянд.

Вақте ки Релдрессел сухани худро тамом кард, подшоҳ сар ҷунбонид. Ҳама фаҳмиданд, ки гапҳои вазири корҳои хориҷӣ ба ӯ маъқул шудааст.

Аммо дар ин вақт адмирал Скайраш Болголам — командири тамоми флоти Лилипутистон аз ҷо бархост.

— Одамкӯҳ,— гуфт ӯ,— албатта пурзӯртар аз ҳамаи одамҳои рӯи дунёе мебошад — ин ҳақиқат аст. Махсусан мана аз барои ҳамин ӯро ҳар чи зудтар куштан лозим аст. Охир, агар дар вақти ҷанг ӯ ба тарафи душманони Лилипутистон гузаштанӣ шавад, дар он сурат даҳ полк қӯшуни подшоҳӣ ҳам аз ӯҳдаи вай баромада наметавонад. Ҳоло ӯ дар дасти лилипутҳо мебошад ва лозим аст, ки фурсатро аз даст надода ба кор сар кунем.

Хазиначӣ Флимнап, генерал Лимток ва судья Белмаф ба фикри адмирал розӣ шуданд.

Подшоҳ табассуме кард ва ба адмирал нигоҳ карда сар ҷунбонид ва ҳатто на танҳо як бор, чунон ки ба Релдрессел карда буд, балки ду бор сар ҷунбонид. Маълум буд, ки ин нутқ ба ӯ боз ҳам зиёдтар маъқул шудааст.

Тақдири Гулливер ҳал гардида буд.

Аммо дар ин вақт дар кушода шуда, ба зали маҷлиси махфӣ ду нафар офицер тозон даромаданд, ки онҳоро сардори дастаи посбонон ба назди подшоҳ фиристода буд. Онҳо дар назди подшоҳ дузону нишаста, ҳодисаи дар майдон рӯйдодаро ба ӯ гуфта доданд.

Вақте офицерон ҳикоя карданд, ки Гулливер бо асирони худ чӣ гуна меҳрубонона муомила намуд, вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел боз ба гап задан иҷозат гирифт.

Ӯ боз як нутқи дуру дарозе кард ва исбот менамуд, ки аз Гулливер тарсидан даркор нест ва зинда мондани ӯ аз мурданаш дида барои подшоҳ бисьёртар фоиданок хоҳад буд.

Подшоҳ қарор монд, ки аз гуноҳи Гулливер гузарад, вале фармон дод корди калони ӯро, ки офицерҳои посбон дар бораи вай нақл намуданд, аз дасти ӯ бигиранд ва агар дар вақти кофтуков аслиҳаи дигаре ҳам ёфт шавад, якбора гирифта шавад.

## 8

Ба ду мансабдор супурда шуда буд, ки ҳама ҷои Гулливерро кофтуков кунанд.

Онҳо талаби подшоҳро ба Гулливер бо имову ишора фаҳмонданд.

Гулливер бо онҳо мубоҳисае накард. Ӯ ҳар ду

мансабдорро ба дасташ гирифт ва аввал онҳоро ба як кисаи камзӯли худ андохт, баъд ба кисаи дигараш ва пас аз он ба кисаҳои шалвор ва камзӯлчааш даровард.

Мансабдоронро танҳо ба кисаи пинҳониаш нагузошт. Дар он киса айнак, дурбин ва қутбнамои (компаси) худро пинҳон карда буд.

Мансабдорон бо худ фонус, коғаз, қалам ва сиёҳӣ оварда буданд. Онҳо се соати том дар кисаҳои Гулливер овора гашта, чизҳои ӯро медиданд ва рӯйхат мекарданд.

Вақте ки корашонро тамом карданд, аз Гулливер хоҳиш намуданд, ки онҳоро аз кисаи охирини худ бароварда ба рӯи замин сар диҳад.

Баъд аз ин онҳо таъзим намуданд ва рӯйхаташонро ба қасри подшоҳ гирифта бурданд.

Дар он рӯйхат айнан ин тавр навишта шуда буд:

1. Дар кисаи рости камзӯли Одамкӯҳи бузург мо як порчаи калони суфи дуруште ёфтем, ки бо калонии худ дар зали қабули қасри Белфаборак ба ҷои гилем хизмат карда метавонад.

2. Дар кисаи чапаш мо як сандуқи калони нуқрагини сарпӯшдор ёфтем. Дар сандуқ парахаҳои калони зарданг дида шуд. Аз бӯи тундутези ин парахаҳо ҳар дуи мо хеле вақт атса задем.

3. Дар кисаи рости камзӯлчааш чандсадта тахтаҳои сафеди суфта ёфт шуданд, ки калониашон як хел буда, байни ҳамдигар бо арғамчинҳо дӯхта шудаанд. Дар тахтаи якум, мо ду қатор аломатҳои сиёҳ дидем. Ба гумони мо, шояд инҳо ҳарфҳои алифбои ба мо номаълуме бошанд. Калонии ҳар як ҳарф кафи дасти мо барин аст.

4. Дар кисаи чапи камзӯлчааш мо як чизеро дидем, ки ба панҷараи атрофи боғи қаср монанд аст.

Бо химчаҳои нӯгтези ин панҷара Одамкӯҳ мӯйҳои худро шона мекардааст. (Ду химчаи ин панҷара камӣ мекунад: панҷум ва даҳумаш.)

5. Дар кисаи рости шалвораш як мошинаи ба мо номаълуме ёфт шуд, ки аз оҳан ва аз чӯб сохта шудааст.

6. Дар кисаи чапи шалвораш як корди калоне ҳаст, ки аз қадбаландтарин лилипут ҳам ду бор дарозтар мебошад.

7. Ғайр аз инҳо мо як қуттии калони гирда пайдо кардем. Як тарафи ин қуттӣ нуқрагин буда ва тарафи дигараш яхин мебошад. Даруни кисаи Одамкӯҳ хеле гарм бошад ҳам, ин ях об намешавад. Дар таги ях дувоздаҳто аломатҳои сиёҳ ва ду найзаро дидан мумкин аст. Даруни қуттӣ як ҳайвони калоне ҳаст, ки дам нагирифта тиқ-тиқ зада меистад, маълум нест, ки бо дандонҳояш тиқ-тиқ мекунад ё бо думаш.

Рӯйхати муайяни чизҳое ки дар вақти кофтуков аз Одамкӯҳ ёфт шуданд, ҳамин аст.

Дар вақти кофтуков ӯ беодобӣ ва беэҳтиромӣ накард».

Дар зери рӯйхат мо, мансабдорон, имзо намудем:

*Клифрин Фрелок,*
*Марси Фрелок.*

## 9

Пагоҳии рӯзи дигар дар пеши хонаи Гулливер аскарон саф кашиданд, дарбориён ҷамъ шуданд ва худи подшоҳ ҳам бо аркони давлат ва вазиронаш омад.

Дар ин рӯз Гулливерро лозим буд, ки асбобҳои худро ба подшоҳ супорад.



Як мансабдор рӯйхатро баланд-баланд мехонд ва дигаре аз як киса ба кисаи дигари Гулливер даромада ба ӯ нишон медод, ки кадом чизҳо бояд аз киса бароварда шаванд.

—Порчаи суфи дурушт!—гуфта мансабдоре ки рӯйхатро мехонд, фарьёд кард.

Гулливер даструмолчаи худро ба замин ниҳод.

—Сандуқи нуқрагин!

Гулливер аз кисааш тамокудонро баровард.

—Сесад дона тахтаҳои сафеди суфтаи бо арғамчинҳо дӯхта шудагӣ!

Гулливер дар паҳлуи тамокудон дафтарчаи хатнависии худро гузошт.

—Чизи дарозе ки ба панҷараи боғ монандӣ дорад!

Гулливер шонаашро баровард.

—Мошинаи аз оҳан ва аз чӯб сохташуда, корди калон, қуттии яхин ва нуқрагин!

Гулливер таппонча, кордчаи қаламтарош ва соаташро баровард.

Подшоҳ пеш аз ҳама кордро аз назар гузаронд ва ба Гулливер фармуд, ки чи тавр паррондани таппончаро нишон диҳад.

Таппонча пур буд, Гулливер онро ба даст гирифт ва ба ҳаво холӣ кард.

Як ғурриши дар Лилипутистон шуниданашудае бархост. Се ҳазор нафар аскар беҳуш шуда ғалтиданд, ду вазир қариб буд аз тарс ҷо ба ҷо муранд, ва подшоҳ бошад, рангаш парид, рӯяшро бо дастонаш пӯшонд ва хеле вақт ҷуръат накард, ки чашмонашро кушояд.

Вақте ки дуд пароканда ш,д ва ҳама ором гашт, подшоҳ фармон дод, ки корд ва таппончаро ба қӯрхона (анбори аслиҳаҳо) гирифта баранд.

Чизҳои дигарро ба Гулливер бозгардонда доданд.

## 10

Гулливер ним соли тамом дар асирӣ умр ба сар бурд.

Шаш нафар машҳуртарин олимон ҳар рӯз ба қаср, ба назди вай омада ба ӯ забони лилипутӣ меомӯхтанд.

Баъд аз се ҳафта гапҳои одамони атрофи худро нағз мефаҳмидагӣ шуд ва баъди ду моҳи дигар бо аҳолии Лилипутистон гуфтугӯ карданро ёд гирифт.

Аз дарсҳои якум сар карда ҳамин як ҷумларо, ки аз ҳама бештар барои ӯ лозим буд, аз ёд кард: «Ҷаноби олӣ, ман ба шумо зорӣ мекунам, маро озод кунед».

Ҳар рӯз дузону нишаста ин суханҳоро ба подшоҳ такрор мекард, лекин подшоҳ ҳамеша як хел ҷавоб мегардонд:

— Люмоз келмин пессо десмар лон эмпазо!

Маъниаш ин аст: «То ин ки ту дар бораи садоқат доштани худ ба подшоҳии ман ва ба худи ман қасам ёд накунӣ, ман туро озод карда наметавонам».

Гулливер ҳозир буд, ки дар худи ҳамон дақиқа қасам ёд кунад, лекин подшоҳ маросими қасамхӯриро аз як рӯз ба рӯзи дигар ба таъхир меандохт.

Лилипутҳо ба Гулливер кам-кам одат карданд ва аз ӯ наметарсидагӣ шуданд.

Аксари шабҳо ӯ дар пеши қасри худ ба замин дароз кашида, ба панҷ-шаш нафар лилипутҳо иҷозат медод, ки ба рӯи кафи ӯ баромада бирақсанд. Бачагон аз Милдендо омада дар байни мӯйҳои ӯ руструстакон бозӣ мекарданд. Ҳатто аспҳои лилипутӣ ҳам дигар шиҳакашӣ намекарданд ва дар вақти дидани Гулливер чароғпоя[1] намеистоданд.

[1]Ду пои пешро боло карда, ба ду пои ақиб истодани асп.

Подшоҳ қасдан фармон медод, ки дар пеши қасри Гулливер бисьёртар машқҳои аспакӣ карда шавад, то ин ки аспҳои қӯшуни худро ба кӯҳи зинда одат кунонад.

Ҳар пагоҳирӯзӣ аспҳои саисхонаҳои подшоҳиро аз пеши пойҳои Гулливер мегузаронианд.

Саворон аспҳои худро маҷбур мекарданд, ки аз болои дасти ба замин ёзонидаи ӯ ҷаҳида гузаранд, ва як савори далере ҳатто аз болои пои занҷирбанди ӯ ҷаҳида гузашт.

Гулливер ҳанӯз ҳам дар банди занҷир буд. Аз тангдилӣ қарор дод, ки ба коре машғул шавад ва барои худ стул, стол ва кат сохт.

Барои ин кор ба пеши ӯ аз ҷангалҳои подшоҳӣ қариб ҳазор дона дарахтҳои аз ҳама бузургтарро оварданд.

Барои Гулливер устоҳои беҳтарини маҳаллӣ ҷои хоб тайёр карданд. Онҳо ба қаср шашсад матрацҳои оддии лилипутӣ гирифта оварданд. Онҳоро яксаду панҷоҳтогӣ бо ҳам дӯхта, мувофиқи қади Гулливер чор дона матрац тайёр намуданд. Онҳоро болои ҳамдигар гузоштанд, лекин бо вуҷуди ин таги Гулливер дар вақти хоб сахт буд.

Айнан бо ҳамин усул барои ӯ кӯрпа ва рӯйҷо тайёр карданд.

Кӯрпаҳо тунук ва он қадар гарм набаромаданд. Аммо Гулливер, ки дарьёгард буд, аз хунукрасӣ наметарсид.

Панҷсад нафар ошпазҳое, ки дар наздикии қаср дар чодирҳо ҷой дода шуда буданд, барои Гулливер хӯрок мепухтанд. Ба ин ҷо ҳар рӯз вақти саҳар як галаи чорпоён — шаш сар барзагов ва чил сар гӯсфандро ронда меоварданд. Ба аробаҳс нон ва май кашонда меоварданд.



Сесад нафар дўзандагон барои Гулливер костюми буриши маҳаллӣ дўхтанд.

Барои ин ки либосро мувофиқи қади ӯ буранд, дўзандагон ба Гулливер фармуданд, ки ӯ ба зону нишинад ва ба пушти ӯ нардбони дарозе оварда гузоштанд.

Бо ин нардбон дўзандаи калон то гардани ӯ баромада, аз он ҷо ба нўги ресмон сангчае баст, аз буни гардан то нисфи танааш овезон кард. Ба ҳамин дарозӣ бояд камзўл дўхта мешуд. Камар ва остинашро худи Гулливер андоза гирифт.

Либос аз дўхт бисьёр нағз баромад, вале ба кўрпаи қуроқ монанд буд. Ин аз ҳамин сабаб рўй дода буд, ки онро аз якчанд ҳазор порча матоъ дўхта буданд.

Гулливер тамоман либоси нав пўшида буд. Танҳо кулоҳ камӣ мекард. Вале як ҳодисаи хушбахтона ӯро аз ин камбудӣ халос кард.

Рўзе ба сарои подшоҳ чопоре хабар овард, ки дар наздикии ҳамон ҷое ки Одамкўҳ ёфт шуда буд, чўпонон як ҷасади бузурги сиёҳеро дидаанд, ки мобайнаш лўнда буда, канорҳояш ҳамвор ва паҳн мебошад.

Дар аввали кор аҳолии маҳаллӣ гумон карданд, ки шояд ин ягон ҳайвони баҳрӣ бошад. Вале чун кўзапушт тамоман беҳаракат мехобид, чизе намехўрд ва нафас намекашид, онҳо пай бурданд, ки ин ягон чизест, ки ба Одамкўҳ тааллуқ дорад. Агар подшоҳ, аълоҳазрат фармоянд, ин чизро бо панҷ асп ба Милдендо расондан мумкин аст.

Подшоҳ розӣ шуд ва баъд аз чанд рўз чўпонон ба Гулливер кулоҳи кўҳнаи сиёҳи дар ҷои пасти дарьё гумшудаи ӯро оварда доданд.

Кулоҳ дар роҳ хеле хароб шуда буд, чунки аро-

бакашон аз ду ҷои канори вай сӯрох карда, дар тамоми роҳ бо ресмонҳои дароз кашолакунон оварда буданд.

Вале ба ҳар ҳол ин кулоҳ буд ва Гулливер онро ба сари худ пӯшид.

## 11

Бо орзуи ин ки ба подшоҳ писандида шавад ва зудтар озод гардад, Гулливер бозии аҷибе фикр карда баровард.

Ӯ хоҳиш намуд, ки барои ӯ аз беша якчанд дарахти ғафстар ва бузургтар гирифта биёранд.

Дар рӯзи дигар ҳафт нафар аробакаш дар ҳафт ароба барои ӯ танаҳои аз шоху барг тоза кардашудаи дарахтонро оварданд. Ҳар як аробаро ҳашт асп кашола мекард. Ғафсии ин танаҳои дарахтон асочаи муқаррарӣ барин буд.

Гулливер аз инҳо нӯҳто асочаҳои якхеларо интихоб карда гирифт ва ба шакли чоргӯша ба замин кӯфт. Ба ин асочаҳо даструмолчаи худро таранг карда кашид.

Аз ин як саҳнчаи ҳамворе пайдо шуд.

Гулливер дар атрофи ин саҳнча панҷара сохт ва ба подшоҳ арз кард, ки дар рӯи он мусобиқаи ҳарбӣ дуруст кунад.

Ин кор ба подшоҳ бисьёр маъқул шуд.

Ӯ фармон дод, ки бистучор аскари савории беҳтарин тамоман мусаллаҳ гардида, ба қасри кӯҳна равон шаванд ва худаш ҳам барои тамошои ин мусобиқа рафт.

Гулливер ҳамаи аскарони савораро бо аспҳои онҳо бо навбат бардошта, ба рӯи саҳнча гузошт.

Карнайҳо навохта шуданд. Саворон ба ду отряд тақсим шуданд ва ҷанг сар шуд. Онҳо ба якдигар тирҳои кунд мепаррониданд, ба душманони худ найзаҳои кундро халонда мегирифтанд, ақибнишинӣ мекарданд ва ҳуҷум меоварданд.

Подшоҳ аз ин бозии ҳарбӣ чунон хушнуд буд, ки ин корро ҳар рӯз ташкил кардан гирифт.

Ҳатто як бор худи ӯ дар болои даструмолчаи Гулливер истода, ба ҳуҷум фармондиҳӣ кард.

Дар ин вақт Гулливер дар кафи дасти худ курсие гузошта буд, ки ба ин курсӣ малика — зани подшоҳ менишаст. Аз ин ҷо ҳодисаи рӯи рӯмолча ба вай беҳтар намоён буд.

Ҳама кор ба хубӣ гузашта истода буд. Инак, як дафъа, дар вақти манёври (машқи) понздаҳум, аспи тафсидаи як офицер бо суми худ рӯмолчаро зада шикоф кард, пешпо хӯрд ва одами худро чаппа кард.

Гулливер бо дасти чапаш сӯрохи рӯмолчаро пӯшонда истода, бо дасти росташ ҳамаи аскарони савораро бо навбат оҳиста ба замин фуровард.

Баъд аз ин рӯмолчаро бодиққат дӯхт, аммо ба маҳкамии он дилаш пур нашуда, қарор дод, ки дигар дар рӯи вай бозиҳои ҳарбӣ барпо нанамояд.

## 12

Подшоҳ ҳам дар ҷавоби хизмати Гулливер марҳамати худро аз ӯ дареғ надошт. Ӯ дар навбати худ қарор дод, ки Куинбус Флестринро бо тамошоҳои аҷиб хурсанд кунад.

Рӯзе бегоҳирӯзӣ Гулливер монанди ҳамешагӣ дар остонаи қасри худ нишаста буд.

Нохост дарвозаи Милдендо кушода шуд, ва аз он

тараф корвони бузурге омадан гирифт: пеш-пеш подшоҳ бар асп нишаста, аз паси ӯ вазирон, дарбориён ва лашкари хоси ӯ меомаданд. Онҳо ҳама бо роҳе ки ба қаср гирифта меовард, меомаданд.

Дар Лилипутистон ҳамин тавр як одат буд. Агар ягон вазир мурад ва ё аз кори худ истеъфо диҳад, панҷ-шаш нафар лилипутҳо ба подшоҳ муроҷиат карда, аз ӯ хоҳиш менамоянд то иҷозат диҳад, ки онҳо ӯро бо арғуштакбозӣ хурсанд кунанд.

Дар сарои подшоҳ, дар зали калон то мумкин аст, тарангтар ва баландтар арғамчинҳое мекашанд, ки ғафсиашон ресмони чокдӯзӣ барин мебошад.

Баъд аз ин рақскуниҳо, ҷастухезҳо ва муаллақзаниҳо сар мешавад.

Касе ки аз болои арғамчин баландтар аз ҳама ҷаҳида ва ягон бор ҳам наафтад, он кас ҷои холимондаи вазирро мегирад.

Баъзе вақтҳо подшоҳ вазирон ва дарбориёни худро маҷбур менамояд, ки бо ҳамроҳии навомӯзон бар болои арғамчин рақс кунанд, то ки чолокии касоне ки мамлакатро идора мекунанд, аз назар гузаронида шавад.

Мегӯянд, ки дар ҳангоми ин гуна дилкушоиҳо аксаран ҳодисаҳои бадбахтӣ низ рӯй медиҳанд. Вазирон ва навомӯзон аз болои арғамчин муаллақзанон ғалтида гарданашон мешиканад.

Дар ин дафъа подшоҳ қарор дод, ки рақсҳои арғамчинро на дар сарой, балки дар ҳавои кушод, дар пеши қасри Гулливер ташкил диҳад. Ӯ мехост, ки Одамкӯҳро бо санъати вазирони худ ба ҳайрат андозад.

Маълум шуд, ки хазиначии давлатӣ Флимнап ҷаҳандаи аз ҳама беҳтарин будааст. Ӯ аз тамоми дигар дарбориён камаш ба қадри ним сар баландтар меҷаҳид.



Ҳатто вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел, ки бо ҳунари муаллақзанӣ ва ҷаҳиданаш дар Лилипутистон машҳур буд, аз вай пешдастӣ карда натавонист.

Баъд аз ин ба подшоҳ чӯбдасти дарозе доданд. Ӯ аз як нӯги ин чӯбдаст гирифта, онро зуд-зуд болову поин кардан гирифт.

Вазирон ба мусобиқа тайёр шуданд, ки ин кор аз рақси арғамчин ҳам мушкилтар буд. Вақте ки чӯбдаст поин мешуд, мебоист аз болои он ҷаҳида гузашта тавонанд, вақте ки чӯбдаст баланд мешуд, аз таги вай гавак кашида хазида гузаранд.

Ҷаҳандагон ва хазандагони беҳтарин аз подшоҳ ба тариқи мукофот ресмонҳои кабуд, сурх, зангор мегирифтанд, ки ба камарбанди худ овезанд.

Хазандаи якум — Флимнап ресмони кабуд гирифт, дуюм — Релдрессел ресмони сурх ва сеюм — Скайреш Болголам ресмони зангор гирифт.

Гулливер ҳамаи ин корҳоро бодиққат тамошо мекард ва аз одатҳои аҷиби империяи Лилипутистон дар ҳайрат меафтод.

## 13

Бозиҳо ва намоишҳои дарборӣ қариб ҳар рӯз барпо карда мешуданд, лекин бо вуҷуди ин, дар банди занҷир нишастан Гулливерро бисьёр дилгир мекард. Ӯ дам ба дам аз подшоҳ илтимос менамуд, ки ӯро озод кунад ва иҷозат диҳад, ки озодона дар мамлакат сайругашт намояд.

Оқибат, подшоҳ илтимосҳои ӯро қабул кард.

Дар маҷлиси махфӣ илтимосҳои Гулливерро як-як хонда доданд ва қарор доданд, ки ӯро озод намоянд, ба шарте ки барои итоат кардан ба ҳамаи қоидаҳое ки ба ӯ эълон карда мешаванд, қасам ёд кунад.

Танҳо душмани қаттоли Гулливер адмирал Скайреш Болголам монанди ҳамешагӣ ба як по истода таъкид мекард, ки Куинбус Флестринро озод накарда, балки куштан лозим аст.

Вале аз барои ин ки дар ин вақт Лилипутистон ба ҷанг тайёрӣ медид, ҳеҷ кас ба таклифи Болголам розӣ нашуд. Ҳама умедвор буданд, ки агар душманон ҳуҷум оваранд, Одамкӯҳ Милдендоро мудофиа хоҳад кард.

Подшоҳ ба мирзоҳои худ фармуд, ки ба лӯлакоғазе бо ҳарфҳои бузург чунин фармоне бинависанд:



Ман, Голбасто Момарен Эвлем Гердайло Шефин Молли Олли Гӯй, подшоҳи Лилипутистони кабир, қадбаландтарин, оқилу донотарин ва боқувваттарини подшоҳони рӯи дунъё,
аълоҳазратона фармон медиҳам, ки Одамкӯҳ аз банди занҷир озод карда шавад, ба шарте ки ӯ барои иҷро кардани ҳамаи талабҳои мо қасам ёд кунад ва хусусан:

Аввалан, Одамкӯҳ бе иҷозати мо аз Лилипутистон баромада наравад.

Дуюм, то вақте ки ҳамаи аҳолӣ ба хонаҳои худ пинҳон нашаванд, ӯ на рӯзона ва на шабона ба пойтахт надароянд.

Сеюм, ба вай иҷозат дода мешавад, ки танҳо дар роҳҳои калон сайругашт кунад ва поймол кардани ҷангалҳо, алафзор ва киштзорҳо манъ карда мешавад.

Чорум, дар вақтҳои сайругашт ӯро лозим аст ба таги пои худ нигоҳ карда роҳ равад, то ки одамон ва аспҳоро зер накунад.

Панҷум, бошандагони Лилипутистонро бе розигӣ ва иҷозати худи онҳо ба дасташ нагирад ва ба кисаҳояш наандозад.

Шашум, агар ба аълоҳазрат ягон хабар ва ё фармони таъҷилиро ба ягон ҷой бифиристодан лозим шавад, он гоҳ ба ӯ супурда мешавад, ки чопорҳои подшоҳро аз ҷое ба ҷои дигар гузаронад.

Ҳафтум, агар байни мо ва ҷазираи Блефуску ҷанг сар шавад, ӯ бояд иттифоқчии мо бошад, ва пеш аз ҳама флоти душманро, ки ба соҳилҳои мо хавфу хатар меоварад, маҷбур аст маҳв намояд.

Ҳаштум, Одамкӯҳро лозим аст, ки дар вақтҳои бекориаш дар бинокориҳои мо кор кунад, сангҳои аз ҳама вазнинтарро бардорад.

Нўҳум, мо ба ў супориш медиҳем, ки қаду бари хоки империяи моро бо қадам чен карда барояд ва шумораи қадамҳояшро ҳисоб кунад.

*Голбасто Момарен Эвлем Гердайло Шефин*
*Молли Олли Гўй.*
Қасри Белфаборак.
Моҳи 91-уми подшоҳии мо.

Ин фармонро худи адмирал Скайреш Болголам ба қаср гирифта овард.

Ў ба Гулливер фармуд, ки ба замин шинад ва бо дасти чапаш пои росташро бигирад ва ду ангушти дасти росташро ба пешонӣ ва нўги гўши ростаи гузорад. Дар Лилипутистон барои исботи садоқат ҳамин тавр қасам мехўрданд.

Адмирал фармони подшоҳро бо овози баланд хонда дод ва пас аз он Гулливерро маҷбур намуд, ки қасами зеринро калима ба калима такрор кунад:

— Ман, Одамкўҳ, ба ҷаноби олӣ, подшоҳ ва ҳукмрони тавонои Лилипутистон, Голбасто Момарен Эвлем Гердайло Шефин Молли Олли Гўй, қасам мехўрам, ки фармони ўро ба ҷо меоварам ва Лилипутистони кабирро дар хушкӣ ва дар дарьё аз душман мудофиа мекунам!

Баъд аз ин оҳангарон занҷирҳои Гулливерро кушоданд ва Скайреш Болголам ўро табрик карда, ба Милдендо баргашт.

## 14

Гулливер ҳамин ки озод гардид, аз подшоҳ иҷозат хост, ки шаҳрро тамошо кунад ва ба сарои подшоҳ биравад. Моҳҳои бисьёр дар остонаи худ дар банди

занҷир нишаста, пойтахтро аз дур тамошо мекард, агарчанде ки пойтахт аз қасри кӯҳна ҳамааш панҷоҳ қадам дур буд.

Ба ӯ иҷозат дода шуд.

Гулливер камзӯлашро кашид, то ки бо доманаш бомҳо ва дудкашҳои шаҳрро нағалтонад ва фақат бо камзӯлчааш ба Милдендо равон шуд.

Ду соат пеш аз омадани ӯ дувоздаҳ нафар ҷарчиҳо тамоми шаҳрро давр зада баромаданд. Шаш нафари онҳо карнай менавохтанд ва шаш нафарашон фарьёд мекарданд, ки:

— Бошандагони Милдендо! Ба хонаҳои худ дароед!

— Куинбус Флестрин, Одамкӯҳ ба шаҳр медарояд!

— Бошандагони Милдендо, ба хонаҳои худ дароед!

Дар тамоми гӯшаҳои шаҳр хитобномаҳо часпонда буданд, ки дар ин хитобномаҳо айнан ҳамон суханҳое ки ҷарчиён фарьёд карда мегуфтанд, навишта шуда буд. Касе ки нашунида монда буд, хонд. Касе ки нахонда монд, бишунид.

Тамоми атрофи шаҳри пойтахтии Милдендоро деворҳои қадима печонида гирифта буданд. Деворҳо чунон ғафс ва васеъ буданд, ки аз болои онҳо фойтуни болопӯши дуаспаи лилипутӣ озодона роҳ рафта метавонист.

Дар гӯшаҳои кӯчаҳо манораҳои нӯгтез баланд шуда буданд.

Гулливер аз болои дарвозаи калони ғарбӣ гузашт ва дар кӯчаҳои калон якпаҳлу шуда бисьёр эҳтиёткорона роҳ мерафт.

Ӯ ба паскӯча ва кӯчаҳои хурд даромаданӣ ҳам нашуд. Онҳо чунон танг буданд, ки пои Гулливер дар байни биноҳо банд шуда мемонд.

Дар Милдендо тамоми биноҳо сеошьёнагӣ сохта шуда буданд.

Баъзан, Гулливер ҳам шуда аз тирезаҳои ошьёнаҳои болой нигоҳ мекард.

Дар яке аз тирезаҳо ӯ ошпазеро дид, ки бар сар каллапӯши сафед дошт. Ошпаз чолокона чизеро пар меканд, маълум набуд, ки он чиз гамбӯсак буд ё магас. Гулливер бодиққат нигоҳ карда фаҳмид, ки ин мурғи марҷон будааст.

Дар тирезаи дигар дӯзандазане нишаста буд, ки дар болои зонуяш коре дошт. Аз рӯи ҳаракатҳои ӯ Гулливер пай бурд, ки ӯ ба сӯрохи сӯзан ресмон мегузаронад. Вале сӯзан ва ресмон ҳамин қадар майда ва борик буданд, ки онҳоро дидан мумкин набуд.

Дар мактаб талабаҳо ба курсиҳо нишаста хат менавистанд. Онҳо на мисли мо — аз чап ба рост менавистанд, на мисли арабҳо аз рост ба чап, на мисли хитойҳо — аз боло ба поин, балки ба таври лилипутӣ — кач, аз як гӯша ба гӯшаи дигар нигоҳ карда менавистанд.

Боз се қадами дигар гузошта, Гулливер ба пеши сарои подшоҳ расид.

Сарой, ки бо девори дуқабата иҳота шуда буд, дар маркази Милдендо воқеъ буд.

Гулливер аз болои як девор гузашт, вале аз девори дуюм гузашта натавонист. Ин девор бо манорачаҳои кандакоришуда зинат ёфта буд.

Гулливер тарсид, ки мабодо онҳоро шиканад.

Ӯ дар байни ду девор чӣ кор карданро надониста, фикр карда истод. Дар сарой ӯро худи подшоҳ мунтазир буд, аммо вай ба он ҷо даромада наметавонист.

Пас чӣ бояд кард?

Гулливер ба қасри худ бозгашта омад, ду курсӣ бо худ гирифта боз ба сарой равон шуд.

Ба девори берунии сарой рафта расида, яке аз курсиҳоро дар миёни кӯча гузошт ва ба болои он бо ду пой рост истод.

Курсии дуюмро ба баландии бомҳо бардошта боэҳтиёт ба пушти девори дарунӣ, ба боғи (парки) сарой гузошт.

Баъд аз ин ӯ ба осонӣ аз болои ҳар ду девор — аз курсӣ ба курсии дигар — ҳеҷ як манораро нашикаста гузашт.

Гулливер курсиҳоро ба ҳамин тарз пештар бурда, ба воситаи онҳо то ба хилватгоҳи хусусии аълоҳазрат рафта расид.

Подшоҳ дар ин вақт бо вазирони худ маҷлиси ҳарбӣ гузаронида истода буд. Гулливерро дида, ӯ фармуд, ки тирезаҳоро калонтар кушоянд.

Гулливер, албатта ба зали маҷлис даромада наметавонист. Ӯ дар рӯи ҳавлӣ дароз кашид ва гӯшашро ба тирезаи хона гузошт.

Дар ин вақт вазирон машварат мекарданд, ки барои ҷанг кардан бо душмани худ — империяи Блефуску кадом вақт мувофиқтар мебошад.

Адмирал Скайреш Болголам аз курсии худ бархост ва гуфт, ки флоти душман ба ҳуҷум тайёр аст ва маълум аст, ки барои ҳуҷум кардан ба Лилипутистон фақат шамоли мувофиқеро мунтазир аст.

Дар ин ҷо Гулливер дигар тоқат карда натавонист ва сухани Болголамро бурид. Ӯ аз подшоҳ ва вазирон пурсид, ки барои чӣ онҳо ҷанг карданӣ ҳастанд.

Бо иҷозати подшоҳ вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел ба саволи Гулливер ҷавоб дод:

Баёни воқеа ин тавр буд:

Сад сол пеш аз ин бобои подшоҳи ҳозира, ки дар он вақт ҳанӯз валиаҳд будааст, дар вақти ношто тухмро аз поинакаш[1] шикастааст ва пӯчоқи тухм ангушти ӯро бурида будааст.

---

[1] *Поинак* — нӯги кунди тухм, поинаки тухм.



Дар он вақт подшоҳ, падари шаҳзодаи пештара ва бобокалони подшоҳи ҳозира, фармонномае чоп кардааст ва дар он фармоннома ба бошандагони Лилипутистон дар зери хавфи ҷазои марг аз поинакаш шикастани тухмро манъ кардааст.

Аз ҳамон вақт тамоми аҳолии Лилипутистон ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд — поинакчиён ва нешчиён[1].

Поинакчиён нахостанд, ки ба фармони подшоҳ ито-

[1] *Неш* — нуги тези тухм.

ат намоянд ва ба он тарафи бахр, ба империяи ҳамсоя — ба Блефуску гурехта рафтаанд.

Подшоҳи Лилипутистон талаб кардааст, ки подшоҳи Блефуску поинакчиёни гурезаро ба ҷазои марг гирифтор намояд.

Аммо подшоҳи Блефуску на танҳо онҳоро накуштааст, балки ҳатто онҳоро ба хизмати худ гирифтааст.

Аз ҳамон вакт сар карда, дар байни Лилипутистон ва Блефуску доимо ҷанг давом мекардааст.

— Ана бинобар ҳамин подшоҳи тавонои мо Голбасто Момарен Эвлем Гердайло Шефин Молли Олли Гӯй аз шумо, Одамкӯҳ, ёрмандӣ ва иттифоқ мехоҳад, — гуфта вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел нутқи худро ҳамин тавр тамом кард. Гулливер намефаҳмид, ки аз барои як гапи беҳуда ҷанг кардан чи лозим бошад, лекин ӯ ҳозир қасам хӯрда буд ва ҳозир буд, ки ваъдаи худро ба ҷо оварад.

## 15

Блефуску ҷазирае буд, ки аз Лилипутистон бо гулӯгоҳи хеле васее ҷудо мешуд.

Гулливер ҷазираи Блефускуро ҳанӯз надида буд.

Баъд аз маҷлиси ҳарбӣ ӯ ба тарафи соҳил равон шуд, ба пушти теппачае пинҳон шуд ва аз кисааш дурбинро бароварда, флоти душманро аз назар гузаронид.

Маълум шуд, ки блефускуиҳо ҳамагӣ панҷоҳ киштии ҳарбӣ доштаанд, киштиҳои дигарашон тиҷоратӣ будааст.

Гулливер хазида аз теппача дур шуд, то ки аз Блефуску ӯро набинанд, ба по хест ва ба тарафи сарой ба пеши подшоҳ равон шуд.

Дар он ҷо ӯ хоҳиш намуд, ки аз анбори аслиҳаҳо кордашро бозгардонда диҳанд ва бисьёртар арғамчинҳои маҳкамтар ва асоҳои оҳанини ғафстар оварда диҳанд.

Баъд аз як соат аробакашҳо арғамчинҳои ғафсиашон ресмони мо барин ва асоҳои оҳанин бор карда оварданд, асоҳо ба сӯзани ҷӯлоббофӣ (риштахор) монанд буданд.

Гулливер шаб то саҳар дар пеши қасри худ нишаста баромад: аз ресмонҳо арғамчин бофт ва аз асоҳои оҳанин чангча сохт. То пагоҳӣ панҷоҳ арғамчини нӯгашон чангчадор тайёр шуда буд.

Гулливер арғамчинҳоро ба китфаш партофта ба соҳил рафт. Ӯ камзӯл, ботинка ва ҷулобашро кашид ва ба об қадам монд.

Дар аввал ӯ қадамзанон рафт, баъд дар миёнтари гулӯгоҳ шино кард ва баъд боз қадамзанон рафт.

Қариб баъд аз ним соат ба флоти Блефуску рафта расид.

Матросҳо дар даруни об кифтҳои васеъ ва каллаи Гулливерро дида фарьёд баровარданд:

— Ҷазираи шиновар! Ҷазираи шиновар!

Ӯ дастҳои худро ба сӯи онҳо дароз кард, матросҳо аз тарс худро гум карда, худҳошонро аз болои деворaи киштӣ ба баҳр партофтан гирифтанд. Онҳо монанди қурбоққаҳо ба об шалпосзанон афтода ва ба тарафи соҳили худашон шино карда рафтан гирифтанд. .

Гулливер арғамчинҳоро аз кифташ гирифт, аз тарафи пеши тамоми киштиҳои ҷангӣ чангча гузаронд ва нӯги дигари арғамчинҳоро ба як гиреҳ баст.

Дар ин вақт блефускуиҳо фаҳмиданд, ки Гулливер флоти онҳоро кашида бурданӣ аст.

Сӣ ҳазор нафар солдатҳо якбора камонҳои худро

кашиданд ва ба Гулливер нигоҳ карда сӣ ҳазор тир парронданд.

Зиёда аз дусад тир ба рӯи ӯ рафта расид.

Агар дар кисаи пинҳонии Гулливер айнак намебуд, кори ӯ хеле бад мешуд. Ӯ ба зудӣ айнакро ба чашми худ монд ва чашмашро аз тир муҳофизат намуд.

Тирҳо ба шишаи айнак омада мерасиданд ва ба рӯй, ба пешонӣ ва манаҳаш мехалиданд. Аммо Гулливер ҳеҷ парво намекард. Ӯ бо тамоми қувват арғамчинҳоро мекашид, пойҳояшро ба таги дарьё сахт зер мекард, лекин киштиҳои Блефуску аз ҷои худ намеҷунбиданд. Оқибат Гулливер фаҳмид, ки гап дар куҷост. Ӯ аз кисаи худ кордашро баровард ва арғамчинҳои лангариро, ки киштиҳоро беҳаракат нигоҳ медоштанд, як-як бурид.

Вақте ки арғамчини охирин бурида шуд, киштиҳо дар об алвонҷ хӯрда ва ҳамагӣ монанди як киштӣ аз паси Гулливер ба тарафи соҳилҳои Лилипутистон ҳаракат карданд.

Гулливер пеш мерафт ва аз паси ӯ киштиҳои Блефуску ва шаъну шавкати он шино карда меомад.

## 16

Подшоҳи Лилипутистон ва тамоми аҳли дарбори ӯ дар соҳил истода ба тарафе ки Гулливер шино карда рафта буд, нигоҳ мекарданд.

Ногоҳ аз дур киштиҳоеро диданд, ки ба сӯи Лилипутистон ба шакли моҳи нав ҳаракат карда истодаанд. Онҳо худи Гулливерро дида натавонистанд, зеро ки ӯ то гӯшаш ба об ғӯтида буд.

Лилипутҳо гумон надоштанд, ки флоти душман хоҳад омад.



Онҳо боварӣ доштанд, ки Одамкӯҳ онро маҳв хоҳад кард. Ва ҳол он ки флот бо тартиби ҷангӣ ба тарафи Милдендо меомад.

Подшоҳ фармон дод, ки карнай навохта тамоми аскаронро ҷамъ кунанд.

Гулливер овози карнайро аз дур шунида, нӯгҳои арғамчинҳоро, ки дар даст дошт, баландтар бардошт ва бо овози баланд фарьёд кард:

— Зинда бод подшоҳи тавони Лилипутистон!

— Зинда бод Куинбус Флестрин! — гуфта ба ӯ аз соҳил ҷавоб гардонданд.

Ҳамин ки Гулливер ба хушкӣ баромад, подшоҳ ӯро бо се ресмон — кабуд, сурх ва зангор мукофотонид ва ба ӯ лақаби «нардак»-ро доданд, ки маънои он қадбаландтарин одам дар тамоми империя буд.

Ин мукофоти шуниданашудае буд. Дарбориён Гулливерро табрик кардан гирифтанд.

Танҳо адмирал Скайреш Болголам, ки фақат як ресмони зангор дошт, худро ба канор гирифт ва ба Гулливер як калима ҳам гап назад.

Гулливер ба подшоҳ таъзиме карду ресмонҳои рангаро ба ангушти миёнаи худ баст. Ӯ ин ресмонҳоро, ба миёни худ баста натавонист.

Дар ин рӯз дар сарои подшоҳ ба шарафи Гулливер иди тантананоке барпо гардид. Ҳама дар залҳо мерақсиданд, лекин Гулливер дар рӯи ҳавлӣ дароз кашида, аз тиреза тамошо мекард.

## 17

Баъд аз ид подшоҳ ба пеши Гулливер баромад ва ба ӯ лутфу марҳамати олие изҳор намуд. Ӯ ба Одамкӯҳ, нардаки империяи Лилипутистон, супориш медиҳад,

ки бо ҳамон роҳ боз ба Блефуску рафта аз он ҷо киштиҳои боқимондаи тиҷоратӣ ва моҳигирии душманро гирифта биёварад.

Ӯ гуфт, ки ҳукумати Блефуску то ин дам бо моҳигирӣ ва савдогарӣ зиндагӣ карда омадааст. Агар флоти вайро аз дасташ кашида гирем, вай маҷбур мешавад, ки ҳамешагӣ ба Лилипутистон итоат кунад, тамоми поинакчиёнро ба дасти подшоҳ супурад ва қонунеро, ки дар он гуфта шудааст: «тухмро аз нешаш бишикан», — қабул кунад.

Гулливер ба подшоҳ оҳиста ҷавоб гардонд, ки ӯ ҳамеша ба азамати лилипутии вай бо хурсандӣ хизмат мекунад, аммо ӯ маҷбур аст, ки ин супориши меҳрубононаро рад кунад. Ӯ худ хеле вақт дар банди занҷир будааст ва бинобар ин ғулом гардониданӣ як халқро ба гардани худ гирифта наметавонад.

Подшоҳ чизе нагуфт ва ба сарой баргашт. Гулливер фаҳмид, ки аз ҳамин дақиқа сар карда, аз лутфу марҳамати подшоҳ маҳрум хоҳад шуд. Подшоҳ, ки фатҳ намудани тамоми дуньёро орзу мекард, гуноҳи он касеро, ки ба орзуи ӯ монеъ шудан мехоҳад, намебахшад.

Дар ҳақиқат ҳам баъд аз ин гуфтугӯ Гулливерро дигар ба сарой даъват намекардагӣ шуданд. Ӯ яккаву танҳо дар атрофи қасри худ мегашт ва фойтунҳои дарборӣ дигар дар пеши остонаи ӯ намеистоданд.

Фақат як рӯз гурӯҳе бо рафтори маросимии дабдабаноке аз дарвозаи Милдендо баромада ба тарафи бошишгоҳи Гулливер равон шуд. Инҳо вакилони Блефуску буданд, ки барои сулҳ бастан ба пеши подшоҳи Лилипутистон омада буданд.

Шаш нафар вакил ва шашсад нафар аркони давлат ҳафтаи сеюм буд, ки дар Милдендо монда буданд. Онҳо бо вазирони лилипут мубоҳиса мекарданд, ки

барои бозгардонида додани ақаллан нисфи флоте ки Гулливер гирифта овардааст, подшоҳи Блефуску чи қадар тилло, чи қадар чорпо ва ғалла бояд диҳад.

Дар охир байни ҳар ду давлат сулҳ баста шуда буд. Вакилони Блефуску қариб ба ҳамаи шартҳо розӣ шуданд ва акнун ба ватани худ бозгаштанӣ буданд.

Вакилон дар ҳайрат буданд, ки боре ҳам тасодуф наафтод, ки фатҳи флоти худ — Гулливерро дар пеши сарой бубинанд.

Касе ба гӯши яке аз вакилон сабаби ба Гулливер ғазаб кардани подшоҳро гуфта дод. Баъд аз ин вакилон қарор доданд, ки ба қасри Гулливер рафта, ӯро бубинанд ва ба ҷазираи Блефуску даъват намоянд.

Онҳо барои аз наздик дидани Одамкӯҳ ҳаваси калон доштанд, дар бораи ӯ аз матросҳои Блефуску ва аз вазирони лилипут бисьёр гапҳо шунида буданд.

Гулливер меҳмонони аз кишвари бегона омадагиро бо меҳрубонӣ қабул кард, ваъда дод, ки ба ватани онҳо биравад ва дар вақти хушбошӣ кардан тамоми вакилонро бо аспҳояшон ба рӯи кафи дасташ бардошта, аз баландии қади худаш шаҳри Милдендоро ба онҳо тамошо дод.

## 18

Шабона, вақте ки Гулливер акнун хоб карданӣ буд, дари қасри ӯро тиқ-тиқ карданд.

Гулливер аз болои остона гузашт ва дар пеши дараш ду касро дид, ки дар кифташон тахти равони болопӯшидаеро бардошта истодаанд.

Дар тахти равон ба курсии махмалин одамчае нишаста буд. Рӯи ӯ дида намешуд, зеро ки ӯ ба плащ печида ва кулоҳашро ба пешониаш зер карда буд.

Ин одамча Гулливерро дида, хизматгорони худро ба шаҳр фиристод ва фармуд, ки баъд аз ду соат бозоянд.

Вақте ки хизматгорон дур шуданд, меҳмони шабона ба Гулливер гуфт, ки мехоҳад ба ӯ як сирри муҳиммеро кушояд.

Гулливер тахти равонро аз замин бардошт, онро бо ҳамроҳии меҳмон ба кисаи камзӯли худ пинҳон кард ва ба қасри худ бозгашт.

Дар он ҷо ӯ дарҳоро маҳкам баст ва тахти равонро ба рӯи стол гузошт.

Фақат баъд аз ҳамин меҳмон плащи худро яла кард ва кулоҳашро аз сар гирифт. Гулливер ин одамро шинохт, ки яке аз дарбориён буда, Гулливер ӯро ба наздикӣ аз як бадбахтие халос карда буд.

Ҳанӯз вақте ки Гулливер дар сарой буд, тасодуфан фаҳмида буд, ки ин дарбориро поинакчии махфӣ мешумурдаанд. Гулливер ӯро тарафгирӣ карда буд ва ба подшоҳ гуфта буд, ки дар ҳаққи ӯ душманонаш тӯҳмат задаанд.

Акнун ин дарборӣ ба пеши Гулливер омада буд, ки дар навбати худ ба Куинбус Флестрин ёрии дӯстона расонад.

— Навакак,— гуфт ӯ,— дар маҷлиси махфӣ тақдири шумо ҳал карда шуд. Адмирал ба подшоҳ арз намуд, ки шумо вакилони мамлакати душманро ба назди худ қабул кардаед ва ба онҳо аз рӯи кафи дастатон пойтахти моро нишон додаед. Тамоми вазирон куштани шуморо талаб намуданд. Баъзеҳо таклиф дароварданд, ки атрофи хонаи шуморо бо қӯшуни бистҳазорнафарӣ иҳота карда гирифта, ба хонаатон оташ зананд; баъзеҳо таклиф намуданд, ки курта ва либосатонро заҳролуд карда шуморо кушанд. Ва фақат вазири корҳои хориҷӣ Релдрессел маслиҳат дод, ки



шуморо зинда гузоранд, лекин ҳар ду чашми шуморо кофта гиранд. Ӯ гуфт, ки аз чашм ҷудо шудан шуморо аз қувват тамоман маҳрум намекунад ва ҳатто баҳодурӣ ва ҷасурии шуморо зиёд хоҳад кард, зеро касе ки хавфу хатарро бо чашм намебинад, дар дунъё аз ҳеҷ чиз наметарсад. Дар охири охирон подшоҳи марҳаматкори мо таклифи Релдресселро қабул карда фармуд, ки дар худи пагоҳ шуморо бо тирҳои нӯгтез кӯр кунанд. Агар тавонед, худро халос кунед, вале ман, чунон ки пинҳонӣ ба ин ҷо омадаам, инчунин ҳам ба зудӣ аз пеши шумо бояд биравам.

Гулливер меҳмони худро оҳистекак аз дар берун баровард, ки дар он ҷо ӯро хизматгорон мунтазир буданд, ва худаш бисъёр фикр карда наистода, ба гурехтан тайёрӣ дидан гирифт.

## 19

Гулливер кўрпаашро ба бағал гирифта ба соҳил баромад. Ӯ бо қадамҳои оҳиста ба бандар расид, ки дар он ҷо флоти лилипут лангар андохта истода буд. Дар бандар ҷонзоде набуд. Гулливер киштии аз ҳама калонтарро хоста гирифт, ба бинии киштӣ арғамчин гузаронд, камзӯл, кӯрпа ва ботинкаи худро ба болои он гузошт ва баъд аз он лангарро бардошта киштиро ба баҳр кашола кард. Барои шалпос назанонидани об кӯшиш намуда, оҳиста-оҳиста то миёнтари гулӯгоҳ рафт ва баъд шино карда рафтан гирифт.

Ӯ ба ҳамон тарафе нигоҳ карда шино мекард, ки ба наздикӣ аз он ҷо киштиҳои ҳарбиро гирифта оварда буд, яъне ба тарафи Блефуску мерафт.

Ӯ ба ҷазира расида ба киштӣ лангар андохт, баъд камзӯл ва ботинкаашро пӯшида ба пойтахти Блефуску нигоҳ карда қадам партофт.

Манорачаҳои хурд дар равшании моҳ медурахшиданд. Тамоми шаҳр ҳанӯз дар хоб буд ва Гулливер нахост, ки бошандагони шаҳрро аз хоб бедор кунад. Ӯ дар пеши девори шаҳр ба кӯрпа печид ва ба хоб рафт. Пагоҳирӯзӣ Гулливер дарвозаи шаҳрро тақ-тақ кард ва аз сардори дастаи посбонон хоҳиш намуд то ба подшоҳ маълум кунад, ки ба мулки вай Одамкӯҳ омадааст.

Сардори дастаи посбонон дар ин бора ба вазири корҳои хориҷӣ маълум кард ва вазири корҳои хориҷӣ ин хабарро ба подшоҳ расонд. Подшоҳи Блефуску бо тамоми аҳли дарбори худ дар ҳамон дақиқа ба пешвози Гулливер баромад.

Дар пеши дарвоза тамоми мардон аз аспҳои худ фуромаданд, малика ва хонимҳои ӯ аз фойтунҳои болопӯш баромаданд.

Гулливер ба замин дароз кашид, то ки ба аҳли дарбори Блефуску салом диҳад. Ӯ иҷозат хост, ки ҷазирaро тамошо кунад, лекин дар бораи аз Лилипутистон гурехта омадани худ чизе нагуфт. Подшоҳ ва вазирони вай гумон карданд, ки Одамкӯҳ ба назди онҳо гӯё ба меҳмонӣ омадааст, зеро, ки ӯро вакилон даъват намуда буданд.

Ба шарафи Гулливер дар сарои подшоҳ иди бузурге барпо карда шуд. Барои ӯ бисьёр говҳои фарбеҳ ва гӯсфандҳо куштанд, лекин вақте ки шаб шуд, ӯро дар ҳавои кушод гузоштанд, зеро дар Блефуску барои ӯ бинои мувофиқе ёфт нашуд.

Ӯ боз ба кӯрпаи қуроқи лилипутӣ печида ба пеши девори шаҳр хобид.

## 20

Гулливер дар муддати се рӯз тамоми империяи Блефускуро давр зада баромад, шаҳрҳо, қишлоқҳо ва работҳоро тамошо кард. Дар ҳама ҷо аз ақиби ӯ ҳамчун дар Лилипутистон, гурӯҳҳои халқ медавиданд.

Бо бошандагони Блефуску гуфтугӯ кардан барои ӯ осон буд, зеро блефускуиҳо ҳам ба қадре ки лилипутҳо забони онҳоро медонистанд, забони лилипутҳоро мефаҳмиданд.

Дар ҷангалҳои паст, алафзорҳои мулоим ва роҳҳои танг сайругашт карда, Гулливер ба соҳили муқобили ҷазира баромад. Дар он ҷо ба рӯи санге нишаста фикр кард, ки акнун чӣ бояд кунад: дар хизмати подшоҳи Блефуску монад ё ки аз подшоҳи Лилипутистон авф талабад? Ӯ ҳатто умед ҳам надошт, ки ба ватани худ бозгардад.

Баногоҳ дар даруни баҳр аз дур чизеро дид, ки маълум набуд: ин харсанг буд ё ки тахтапушти ягон

ҳайвони калони баҳрӣ. Гулливер патинка ва ҷуло-башро кашида ба об даромад ва ба сӯи он чиз рафтан гирифт, то бубинад, ки вай чист. Ба зудӣ фаҳмид, ки он чиз харсанг набудааст. Агар харсанг мебуд, бо омади об ҳаракат карда ба тарафи соҳил омада наметавонист. Ин чиз ҳайвон ҳам набуда, дурусттараш як қаиқи чаппа шудагӣ буд.

Дили Гулливер ба тапидан сар кард. Дарҳол ба хотираш омад, ки дар кисааш дурбин ҳаст ва онро гирифта ба чашмаш гузошт. Оре, ин қаиқ буд. Эҳтимол ки онро тӯфон аз ягон киштие ҷудо карда ба ин тараф оварда бошад.

Гулливер давида ба Блефуску омад ва аз подшоҳ хоҳиш кард, ки фавран ба ӯ бистто киштии калон диҳад, то ки қаиқро ба тарафи соҳил ронда биёварад.

Подшоҳ хост, ки қаиқи аҷиби Гулливер ёфтагиро бубинад. Ӯ барои ин қаиқ киштиҳо фиристод ва ба ду ҳазор нафар аскари худ фармуд, ки барои ба хушкӣ кашида баровардани қаиқ ба Гулливер ёрӣ расонанд.

Киштиҳои хурд ба қаиқи калон рафта расиданд, ба вай чангчаҳо гузарониданд ва ба пеш кашиданд. Гулливер бошад аз ақиб шинокунон қаиқро бо дасташ ба пеш тела дода меомад. Оқибат, нӯги қаиқ ба соҳил омада расид. Дар ин вақт ду ҳазор нафар солдатҳо якбора аз арғамчинҳои ба вай басташуда гирифта, барои аз об кашида баровардани он ба Гулливер ёрмандӣ карданд.

Гулливер қаиқро ҳаматарафа аз назар гузаронид. Дуруст кардани он душвор набуд. Танҳо бел надошт. Гулливер даҳ рӯз аз пагоҳ то шаб кор кард. Белҳо сохта, шикофҳои таги қаиқро маҳкам кард. Дар вақти кор карда истодани ӯ ҳазор-ҳазор блефускуиҳо ба гирди ӯ ғун шуда тамошо мекарданд, ки Одамкӯҳ қаиқкӯҳро чи тавр дуруст мекунад.



Вақте ки ҳама кор анҷом ёфт, Гулливер ба назди подшоҳ рафт, ба пеши ӯ ба сари як зону истода гуфт, ки агар аълоҳазрат иҷозат диҳад, худи пагоҳ ба роҳ даромада мехоҳад, ки аз ҷазира баромада равад. Ӯ хеле вақт аст, ки оила ва дӯстонашро пазмон шудааст ва умедвор аст шояд дар баҳр ба киштие вохӯрад, ки ӯро ба ватани худ бурда расонад.

Подшоҳ Гулливерро розӣ кардани шуд, ки ба хизмати ӯ монад ва барои ин инъому эҳсонҳои бисьёр

ва меҳрубониҳои доимӣ ваъда кард, лекин Гулливер ба гапи худаш истод.

Подшоҳ ноилоҷ розӣ шуд.

Албатта ӯ бисьёр мехост Гулливерро, ки як худаш қӯшун ё худ флоти душманро нест карда метавонист, ба хизмати худ нигоҳ дорад. Аммо агар Гулливер барои зиндагонӣ кардан дар Блефуску мемонд, ин кор, албатта, ба рӯй додани ҷанги бераҳмонае бо Лилипутистон сабаб мешуд.

Якчанд рӯз пеш аз ин, подшоҳи Блефуску аз подшоҳи Лилипутистон мактуби дуру дарозе гирифта буд. Дар он мактуб талаб карда шуд буд, ки дасту пои Куинбус Флестрини гурезаро баста ба Милдендо бозгардонда фиристонанд.

Вазирони Блефуску бисьёр фикр карданд, ки ба ин мактуб чи тавр ҷавоб нависанд. Оқибат, баъд аз фикру андешаи серӯза ҷавоб навиштанд.

Дар мактуби онҳо навишта шуда буд, ки подшоҳи Блефуску ба дӯст ва бародари худ, подшоҳи Лилипутистон Голбасто Момарен Эвлем Гердайло Шефин Молли Олли Гӯй, салом мефиристад, лекин Куинбус Флестринро ба ӯ бозгардонда наметавонад, зеро ки Одамкӯҳ ҳамин ҳозир ба қаиқи бузург нишаста ба ким-куҷо баромада рафтааст. Подшоҳи Блефуску бародари азизи худ ва худро табрик менамояд, ки аз ташвиши барзиёда ва аз хароҷотҳои вазнин халос шудаанд.

Ин мактубро фиристода, блефускуиҳо барои ба роҳ андохтани Гулливер шитоб карданд.

Онҳо сесад сар гов куштанд, то ки равғани онҳоро ба қаиқ моланд, ва барои бодбон ва ҷиҳозоти қаиқ нисфи хубтарини тамоми суф ва арғамчинҳоеро, ки дар давлати онҳо буд, ба ӯ доданд.

Гулливер гӯшти бисьёр гову гӯсфандро ба қаиқ бор

кард ва ғайр аз ин шаш сар гови зинда ва ҳамин қадар ҳам қӯчқор ва гӯсфанд бо худ гирифт.

24-уми сентябри соли 1701 соати шаши пагоҳӣ Гулливер бодбони қаиқро кушода аз Блефуску баромад.

## 21

Шамоли форам ба бодбон расид ва қаиқро ба баҳри кушод ронда бурд.

Вақте ки Гулливер баргашта нигоҳ кард, то ки охирин дафъа ба соҳилҳои пасти ҷазираи Блефуску назар андозад, ӯ ғайр аз об ва осмон дигар чизеро надид.

Ҷазира аз чашм ғоиб шуда буд, гӯё вай ҳеҷ мавҷуд набуд.

Шабона Гулливер ба ҷазираи сангии хурде расид, ки дар он ҷо танҳо тӯқумшуллукҳо зиндагӣ мекарданд.

Онҳо тӯқумшуллукҳои оддие буданд, ки Гулливер ҳазор борҳо дар ватани худ дида буд. Қозҳои лилипутӣ ва блефускуӣ аз ин тӯқумшуллукҳо андак хурдтар буданд.

Дар ин ҷазира Гулливер хӯроки шабонаашро хӯрда хоб кард ва пагоҳирӯзӣ аз рӯи компаси кисагии худ ба тарафи шимоли шарқ нигоҳ карда ба пеш ҳаракат намуд.

Вай умедвор буд, ки дар он ҷо ҷазираи одамнишинеро ёбад ё ки ба киштие вохӯрад.

Лекин як рӯз гузашт, вале Гулливер монанди пештара дар баҳри бепоёне танҳо буд.

На киштӣ, на сангҳо ва ҳатто паррандае набуд.

Шамол гоҳе ғуррида бодбонро меларзонид ва гоҳ ором мешуд.

Вақте ки бодбон халта мешуд ва ба сутуни қаиқ мепечид, Гулливер белҳоро ба даст мегирифт. Вале бо белҳои нобоб ва хурд қаиқ рондан душвор буд.

Гулливер ба тезӣ монда шуд. Ӯ акнун гумон кард, ки дигар ҳеҷ гоҳ ватани худ ва одамҳои калонро дидан ба ӯ муяссар нахоҳад шуд. Баногоҳ дар рӯзи сеюм, наздики соатҳои панҷи рӯз, аз дур бодбонеро дид, ки роҳи ӯро миёнбур карда ҳаракат намуда истодааст. Гулливер фарьёд кардан гирифт, лекин ба ӯ ҷавоб намедоданд,— овози ӯро намешуниданд. Киштӣ аз паҳлу мегузашт.

Гулливер ба белзанӣ сар кард. Аммо масофаи байни ӯ ва киштӣ кам намешуд. Бодбонҳои киштӣ калон буданд, лекин бодбонҳои қаиқи Гулливер аз суф ва белҳояш дастӣ сохта шуда буданд.

Аммо, ба хушбахтии Гулливер, шамол баногоҳ якбора паст шуд ва киштӣ дигар аз қаиқ дур намешуд.

Гулливер чашмонашро аз бодбонҳои киштӣ накан-да қаиқ меронд. Ва ногоҳ ба сутуни киштӣ байроқе баланд шуд ва садои тӯп баромад.

Қаиқро дида буданд.

26-уми сентябрь соати шаши бегоҳӣ Гулливер ба киштӣ баромад.

Ин киштии тиҷоратии англисӣ буд, ки аз Япония бозгашта меомад. Капитани вай Ҷон Бидл аз Дептфорд буда, каси меҳрубон ва дарьёгарди хубе буд. Ӯ Гулливерро табриккунон пешвоз гирифт ва ҳуҷрачаи бобе ба Гулливер дод. Вақте ки Гулливер дам гирифт, капитан аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар куҷо будан ва ба куҷо рафта истодани худро гуфта диҳад.

Гулливер ба таври кӯтоҳ саргузаштҳои худро ҳикоят карда дод.

Капитан фақат андӯҳгинона ба ӯ нигоҳ мекард ва сар меҷунбонид.

Гулливер фаҳмид, ки капитан ба гапҳои вай бовар накарда истодааст ва ӯро одами ақлгумкарда мешуморад.

Дар ин вақт Гулливер, як калима ҳам сухан нагуфта, аз кисаҳои худ яке аз паси дигаре гов ва гӯсфандҳои лилипутиро бароварда ба рӯи стол гузошт.

Гов ва гӯсфандон дар рӯи стол ҳамчун дар алафзор пароканда шуданд.

Капитан аз ҳайраташ хеле вақт ба худ омада наметавонист.

Ӯ фақат акнун бовар кард, ки Гулливер ба вай ҳақиқати софро гуфтааст.

— Ин дар дунё воқеи аз ҳама аҷибест! — гуфт капитан.

## 22

Агар танҳо як фалокати хурдеро ба ҳисоб нагирем, саёҳати Гулливер аз дигар ҷиҳатҳо тамоман хотирҷамъона гузашт. Ин фалокат иборат аз ин буд, ки калламушҳои киштӣ як гӯсфанди аз Лилипутистон овардаи ӯро дуздида буданд.

Гулливер дар тарқиши ҳуҷраи худ устухонҳои тоза хоидашудаи онро ёфт.

Тамоми гов ва гӯсфандҳои боқимонда безарар монданд. Онҳо сафари дуру дарозро нағз гузарониданд. Гулливер дар роҳ ба онҳо нони қоқи кӯфта ва ба об таршударо мехӯронд.

Киштӣ тамоми бодбонҳои худро рост карда ба тарафи соҳилҳои Англия мерафт.

13-уми апрели соли 1702 Гулливер аз кӯпрукчаи тахтагини байни киштӣ ва соҳил ба соҳили ватани худ фуромад ва ба зудӣ занаш, духтараш Бетти ва писараш Ҷонниро ба оғӯш кашид.

Саргузаштҳои аҷоиби духтури киштӣ Гулливер дар мамлакати лилипутҳо ва дар ҷазираи Блефуску ҳамин тавр хушбахтона ба охир расид.



# ГУЛЛИВЕР ДАР БАЙНИ ВЕЛИКАНҲО

*Дар ин қисми китоб дар бораи сафари нави Гулливер дар байни великанҳо ҳикоя карда мешавад. Вақте ки Гулливер дар байни лилипутҳо буд, ба назари онҳо великан менамуд. Аммо дар байни великанҳо бошад, худи Гулливер одамчаи майдаи заиф барин шуда мемонад. Вай дар вақти дар байни ин великанҳои аҷиб зиндагӣ карданаш ба тарсу воҳимаҳои зиёд ва воқеаҳои даҳшатнок дучор шудааст.*

БОБИ ЯКУМ

# МАН ЧИ ТАВР ДАР БАЙНИ ВЕЛИКАНҲО АФТОДАМ

Аз он вақте ки ман аз Лилипутистон баргашта омадам, аз байн ду моҳ нагузашта буд. Дар хона оромона ва бе ҳеҷ воқеа зиндагӣ мекардам. Аммо зиндагии осуда ва ором ба ман маъқул набуд. Аз ҳамин сабаб ман боз ба киштӣ савор шуда, ба сафари дуру дароз равон шудам.

Боре мо дар баҳри кушод шино мекардем, якбора шамол хоб кард ва ҳаво тамоман ором шуда монд.

— Ин аломати хуб нест,— гуфт капитан. — Эҳтимол дорад бӯрон сар шавад.

Дар ҳақиқат, рӯзи дигар бӯрони даҳшатноке сар шуд. Баҳр талотум мекард. Бодбони киштиамон кафид. Мо дигар киштиро идора карда натавонистем. Моро ба кадом тараф гирифта бурда истодани шамол маълум набуд.

Пас аз се рўз бўрон ором шуд. Дар пеш замин намоён гардид. Мо хостем, ки оби нўшиданӣ ёбем. Аз киштӣ ба об қаиқ фуровардем. Ба қаиқ даҳ нафар матрос ва ман — ҳамагӣ ёздаҳ кас савор шудем. Мо барои обгирӣ бочкачаҳоро гирифта ба тарафи соҳил равон шудем.

Дар соҳил ман аз матросҳо ҷудо шуда, хеле танҳо-танҳо гаштам. Ниҳоят, монда шуда ба ақиб — ба тарафи баҳр баргаштам. Аз дур дидам, ки матросҳо дар қаиқ нишаста қаиқро бо тамоми қувваи худ ба тарафи киштӣ меронанд.

Аммо ин чӣ одами калонҷуссаи осмонрас аст, ки аз паси онҳо рафта истодааст? Ман чашмонамро пок карда, дурусттар нигоҳ кардам. Ҳақиқатан як одами калони бадҳайбат аз даруни об рост ба тарафи матросҳо мерафт. Қадаш манор барин буд. Оби баҳр танҳо то зонуяш мерасид. Ин одами калон — великан қадамҳои калон-калон партофта, кўшиш менамуд, ки ба матросҳо расида гирад. Аммо харсангҳои тез ба пеш рафтани вай халал мерасонданд. Матросҳо кайҳо дур шуда буданд.

Ман тарсида худамро ақиб гирифтам. Аз пешам ҷангалзори сердарахте баромад. Ман худамро ба даруни ҷангал гирифтам ва баногоҳ дидам, ки ин ҷангалзор не, балки киштзори ҷав будааст.

Баландии ҳар як хўшаи ҷав баробари дарахти мо буданд. Аз ин сабаб киштзор ба чашми ман ҷангалзор барин намудааст. Бо душворӣ ба охири киштзор расида ва якбора аз тарс шах шуда мондам. Як великани дигаре ба ман нигоҳ карда меомад, ки калониаш бамисли ҳамон великани аз қафои қаиқи мо рафтагӣ барин буд.

Ман дар байни хўшаҳои ҷав пинҳон шудам. Великан ба тарафе нигоҳ карда касеро ҷеғ зад. Овози вай



ҳамчун раъд садо медод. Дар роҳ боз ҳафт нафар великанҳои дигар пайдо шуданд, ки дар дасташон досҳои калоне доштанд, онҳо даравгарон буданд. Ҳамон замоно ба киштзор даромада ба ҷавдаравӣ сар карданд.

Ман роҳи гурезро гирифтам. Бо як азоб аз байни хӯшаҳо мегузаштам. Ниҳоят, ба ҷое расидам, ки шамол ҷавро ба замин хобонда буд. Ман бозистодам. Дигар пеш рафтан мумкин набуд. Хӯшаҳо ба ҳамдигар зич печида буданд. Нешҳои ҷавҳо монанди найза рост меистоданд, онҳо либоси маро сӯрох карда ба баданам мехалиданд.

Аз зарби мондагӣ нафасамро рост карда натавониста, худамро ба замин партофтам ва гирья кардам. Барои чӣ ман аз хонаи худам сафар кардам! Барои чӣ

зану бачаҳоямро партофта омадам! Ин великанҳои бадҳайбат чӣ балоҳоро ба сари ман меоварда бошанд?

Дар ҳамин вақт як даравгар ба ман наздик шуд. Агар як қадами дигар монад, бо кафшҳои калонаш маро мачақ мекунад. Ман тамоми қувваи худро ҷамъ карда, ҳар чи қадар ки метавонистам, бо овози баланд фарьёд задам. Великан истод, ба атроф нигоҳ кард ва ниҳоят дар замин маро дид. Вай бо ду ангушташ маро бардошта ба пеши чашмаш бурд. Дар ин асно вай қабурғаҳоямро чунин фишор дод, ки қариб буд аз зарби дард нолиш кунам.

Ман ҳар ду дастамро ба синаам гирифта бо илтимосу зорӣ ба великан нигоҳ кардам.

—Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ба ман раҳм кунед,—гуфтам бо овози ларзон.

Ман бисьёр тарсида будам, ки великан маро ҳашароти зарарнок барин ба замин бардошта мезанад.

Хушбахтона, великан ин тавр накард. Вай ҳар тарафамро дида баромад. Ман дигар оби чашмамро дошта натавонистам ва бо имову ишорат ба великан фаҳмондам, ки вай маро азоб додаистодааст. Великан ҳамон замоно маро ба домани камзӯлаш андохта, ба тарафи хӯҷаинаш давид.

Хӯҷаин маро дида дар ҳайрат монд. Вай як ҷавпояро, ки дарозиаш хода барин буд, гирифта домани камзӯли маро боло кард. Вай маро гамбусак гумон карда, мехост, ки қанотҳоямро дурусттар бинад. Пас аз он вай оҳистекак маро ба замин гузошта гавак карда монд. Ман зуд аз ҷоям бархоста бо оҳистагӣ пешу ақиб гаштан гирифтам. Бо ин кори худ ба хӯҷаин фаҳмонданӣ шудам, ки ман қатъиян аз вай гурехтанӣ нестам.

Великанҳо давра гирифта нишастанду бодиққат ма-

ро аз чашм гузаронидаанд. Ман кулоҳамро аз сарам бардошта, ба хӯҷаин таъзим кардам.

— Тақсир, — гуфтам бо овози баланд, — аз ҳамин рӯз ба шумо хизматгори содиқ ҳастам. Иҷозат диҳед инъоми хурде ба шумо пешкаш кунам.

Инро гуфтаму аз кисаам ҳамьёнро бароварда ба дасти великан додам. Великан нӯги ангушти хурдашро бо оби даҳонаш тар карда, бо вай якчанд адад пули тиллоро, ки аз ҳамьён меафтод, часпонда гирифт ва муддати дарозе ба онҳо нигоҳ кард. Ӯ ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки ин чизҳои майдаи гирда ба чӣ кор меояд. Ниҳоят, вай пулҳоро ба ман гардонда доду фармуд, ки ҳамьёнро ба ҷояш бозмонам.

Кам-кам великан фаҳмид, ки ман на гамбусакам ва на дигар ҳашарот, балки мисли худи вай одами боақл ҳастам, танҳо бисьёр хурд мебошам. Вай кӯшиш кард, ки бо ман гап занад. Вале овози вай ба гӯши ман мисли садои баланди осиёи обӣ мерасид ва ман ягон калимаи вайро фаҳмида натавонистам.

Ниҳоят, хӯҷаин даструмолчаашро аз киса бароварда ба пеши ман паҳн кард. Калонии рӯмолча мисли бодбони киштӣ буд. Ман то миёнҷои рӯмолча рафтаму дароз кашида худамро печонидам. Хӯҷаин маро мисли бӯғча баста гирифту ба хонааш бардошта бурд.

БОБИ ДУЮМ

## МАН ДАР ҲАВЛИИ ХӮҶАИН ЧИ ТАВР ЗИНДАГӢ КАРДАМ

Хӯҷаин маро ба хонааш оварда ба занаш нишон дод. Гӯё ки ба вай тортанакро нишон дода бошанд, баробари дидани ман ба ҷингоскунӣ даромад. Аммо ба зудӣ фаҳмид, ки ман тортанак не, балки худи вай

барин одам ҳастам, фақат ҷасадам хурд аст. Хӯҷаинзан ба тезӣ ба ман одат кард ва хуш муомила мекардагӣ шуд.

Дар вақти хӯроккӯрӣ хӯҷаин маро дар пеши худ, дар болои стол шинонд. Хӯҷаинзан як бурда гӯшт ва як порча нонро ҷудо карда ба пеши ман гузошт. Ман бошам аз кисаам кордча ва вилка бароварда ба авқотхӯрӣ сар кардам. Великанҳо бодиққат ба ман нигоҳ мекарданд. Ҳар як ҳаракати ман онҳоро ба ҳайрат мемононд.

Хӯҷаинзан хурдтарин рюмкачаеро ёфта ба пеши ман монд, ки аз вай хурдтар рюмка дар хона дигар ёфт намешуд. Калонии ин рюмкача ҳам ба кӯза монанд буд. Ман бо ҳар ду дастам вайро бардошта ба хӯҷаинзан таъзим кардам.

— Ба саломатии шумо менӯшам,— гуфтам.

Великанҳо хандиданд. Ман рюмкаро холӣ кардам. Ба толеам ин маи бисьёр камқувват, квасмонанд будааст. Набошад маст шуда меафтодам.

Баногоҳ аз қафоям як овози ғалоғулаи аҷибе баромад. Гӯё касе дар мошинаи бофандагӣ кор мекарда бошад. Ман ба ақиб нигоҳ кардам. Ин овози гурба будааст, ки дар зонуи хӯҷаинзан нишаста, хур-хур мекардааст. Гурба аз барзаговҳои мо ду баробар калон буд.

Аввал ман бисьёр тарсидам ва хостам, ки гурезам. Аммо баъд ба хотирам расид, ки аз ҳайвонҳои дарранда гурехтан нодуруст аст. Онҳо ба гурезанда ҳамоно ҳамла карда, вайро бӯлак-бӯлак мекунанд. Барои ҳамин худамро чунон нигоҳ доштам, ки гӯё ба ин гурбаи боҳайбат аҳамият надода нигоҳ мекарда бошам. Панҷ ё шаш бор аз пеши вай гузаштам, ҳар бор вай аз ман тарсида худашро ақиб мекашид.

Хӯҷаин маро ба пеши худ, ба тарафи дигари стол

ҷеғ зад. Ман ба тарафи вай давидам, аммо дар роҳ ба як пуштаи нон пешпо хӯрда афтодам.

— Вай маиб шуд! — гуфта хӯҷаин фарьёд зад.

Аммо ман зуд аз ҷоям бархоста кулоҳамро ба ҳар тараф ҷунбонидам ва се маротиба «ура» гуфта дод задам. Хӯҷаинҳо хотирҷамъ шуданд. Гурба нишаста хур-хур мекард. Хӯҷаинзан вайро маҳкам бо дастонаш дошта менишаст.

Дар охири хӯрок ду саг ба пеши стол наздик шуд. Калонии ҳар яки онҳо мисли чор фил буд. Ман акнун аз саг наметарсидам. Медонистам, ки хӯҷаинҳо ба ман зарар расиданӣ намемонанд.

— Вай маиб шуд! — гуфта хӯҷаин фарьёд зад.

Дар ҳамин вақт ба толеи бади ман дояе ки дар дасташ бачаи яксола дошт, ба хона даромада омад. Бача гирья мекард.

— Гирья накун, гирья накун, — гуфт хӯҷаинзан ба вай. — Ана ин одамчаро бин.

Бача ҳамон замоно маро чанг зада гирифта, ба даҳонаш бурд. Вай маро бозича гумон карда буд. Қариб буд, ки сарамро тамоман ба даҳонаш андозад, лекин ман тамоми овозамро сар дода дод гуфтам. Бача тарсид ва маро аз дасташ афтонд. Ман аз баландии воҳиманок афтода рафтам. Хайрият ки модараш пешгири худро ба тагам дошт, набошад албатта гарданам мешикаст. Бача боз гирья кард. Доя барои ором кардани вай шақшақаи калонеро, ки дар миёнаш овехта буд, шаққас занонд. Даруни шақшақа пур аз санг буд ва овози баланд медод.

Пас аз хӯрок хӯҷаинзан маро ба ҷогаҳи худам хобонд, ки истироҳат кунам. Вай бо рӯмолчаи тозаи худаш болоямро пӯшида аз хона баромада рафт. Хобам бурд.

Ногоҳ дар хобам касе маро буғӣ кардагӣ барин шуд. Ман додгӯён аз хоб бедор шудам.



Дар пешам як калламуши калон, ки мисли саги калон буд, меистод. Вай бо пойҳои пешаш ба гиребони ман часпида, мӯйлабҳои калонашро ба рӯям наздик оварда меҷунбонд. Ман аз тарси худ шамшерамро гирифта ба шиками калламуш халондам. Калламуш афтид. Ҳамроҳи вай, ки дар ҳамин асно дар даруни кӯрпа будааст, тарсида роҳи гурезро гирифт.

Дар ин вақт хӯҷаинзан ба хона даромад. Вай калламуши мурдаро дида бисьёр тарсид ва маро ба дасташ бардошт.

— Парво накунед,— гуфтам,— ба ман ҳеҷ воқеа нашудааст.

Инро гуфтаму шамшери хунини худро ба хӯҷаинзан нишон додам. Хӯҷаинзан фаҳмид, ки калламушро ман куштаам, бисьёр хурсанд шуд.

Пас аз муддате хизматгорзан ба хона даромад. Вай калламуши мурдаро бо оташгирак гирифту аз тиреза ба берун ҳаво дод.

Шабона духтарчаи хӯҷаинзан маро ба катчаи лӯхтак хобонид. Катчаро ба ғаладони комод — сандуқи либос мондаанду баъд ғаладонро ба шифти хона овехтанд, ки калламушҳо баромада натавонанд. То он вақте ки дар хонаи хӯҷаин будам, ҳамин тариқ мехобидам.

Бо духтарчаи хӯҷаинзан ман бисьёр ҷӯра шудам. Вай акнун нӯҳсола шуда буд. Худаш хушфеъл ва боақлу тамиз буд. Вай маро Одамча гуфта ҷеғ мезад, ман бошам, вайро Доячa меномидам. Ман аз ин Доячаам ҳеҷ ҷудо намешудам. Вай маро бисьёр нағз медид ва аз ҳар гуна балоҳо нигоҳдорӣ мекард. Агар вай намебуд, эҳтимол ки ман дар ин мамлакати великанҳо несту нобуд шуда мерафтам.

Дояи ман либосдӯзиро бисьёр дӯст медошт. Вай аз суфи маҳин барои ман ҳафтто куртача дӯхт, ҳар бор ки чиркин мешуд, худаш дар тоси лӯхтакаш шуста медод. Пагоҳиҳо вай ба либоспӯшии ман ёрӣ медод, ҳарчанд ки ин кори вай ба ман ин қадар ҳам маъқул набуд. Ғайр аз ин вай забони великанҳоро ба ман ёд медод. Бо доячa мо рӯ-рӯи хона мегаштем ва ӯ номҳои стол, стул, чироғ ва тирезаро ба ман гуфта медод.

Мо бо вай дар боғ саёҳат мекардем, вай номҳои дарахтон, гулҳо, девор, осмон, замин ва дигарҳоро ба ман меомӯхт.

Ба ҳамин тариқ ман забони онҳоро ёд гирифта дар андак вақт бо великанҳо бемалол гуфтугӯ мекардагӣ шудам.

БОБИ СЕЮМ

# ЧИ ТАВР МАРО БА ШАҲРИ ҲАМСОЯ ВА БАЪД БА МАРКАЗ БУРДАНД

Рӯзе якчанд нафар великанҳо дар пеши ҳавлии мо истоданд. Яке аз онҳо гуфт:

— Дар ин ҷо як ҳайвончаи аҷибе зиндагӣ мекунад, ки сураташ одамча барин. Хӯҷаин вайро дар вақти дарави ҷав аз сари замин ёфтааст.

— Мегӯянд, ки ин ҳайвонбача бо ду пояш роҳ меравад,— гуфт великани дигаре.— Як дидан мумкин бошад-мӣ?

Хӯҷаин ин гапҳоро шуниду маро гирифта ба кӯча баровард ва ба болои столча монд. Великанҳо дар атрофи стол тӯб шуданд. Ман чанд бор дар пеши онҳо пешу ақиб рафтаму шамшерамро аз ғилофаш баровардам, боз ба ҷояш мондам, баъд аз он ба меҳмонҳо таъзим карда аҳволпурсӣ кардам.

Великанҳо бисьёр ҳайрон монданд. Як нафаре аз онҳо, мӯйсафеди камқуввати кӯрнамо айнакашро ба чашмаш гузошт, ки дурусттар ба ман нигоҳ кунад. Ман ба вай нигоҳ карда хандидам. Ба назари ман чашмони вай чунин намуд, ки гӯё ду моҳи пурра аз байни тирезаҳои шишагӣ ба тарафи ман нигоҳ мекарда бошанд.

Ба ман нигоҳ карда великанҳо ҳам хандида фиристоданд. Пирамард оташин шуд, вай марди камақл ва бадқаҳр буд. Вай хӯҷаини маро ба як гӯша бурда бо ӯ гӯшакӣ кард. Ман фикр кардам, ки ба муқобили ман ягон гапи нохуше мегӯяд. Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр баромад.

Рӯзи дигар Доячаи ман хафа ва бо чашми гирьяолуд ба пешам баромад.

— Оҳ, бечора Одамчаи ман,— гуфт вай, ба сари ман тез як ғаму ғуссаи калоне омад. Падарам мехоҳад, ки пул гирифта туро ба одамон нишон диҳад. Ин масъаларо ҳамон пирамарди бадқаҳри дирӯза ба вай маслиҳат додааст. Ба наздикӣ мо ба шаҳр меравем ва туро ҳамроҳи худамон гирифта мебарем.

Оби чашми Дояча шашқатор мерехт. Вай метарсид, ки ягон воқеаи бад ба сари ман наояд. Ман ҳам хафа шудам. Масхарабози майда шуда одамонро хандондан бисьёр ҳам кори завқовар нест.

Дигар илоҷ набуд. Баъд аз чанд рӯзи дигар маро ба қуттӣ андохтанду ба шаҳр гирифта бурданд. Хӯҷаин аспакӣ мерафт. Дар қафои вай Дояча дар дасташ қуттиро дошта менишаст. Дояча кӯрпачаи лӯхтакро дар қуттӣ андохт, ки тагам мулоим шавад. Аммо кӯрпача ба ман фоида намедод. Асп чунон тез медавид, ки қуттӣ ба ҳар тараф алвонҷ мехӯрд ва ман гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тарафи қуттӣ рафта мезадам. Вақте ки мо ба шаҳр расидем, ман аз мондагӣ базӯр роҳ мерафтам.

Мо дар меҳмонхонаи «Уқоби Сабз» ҷой гирифтем. Хӯҷаин дарҳол як ҷарчӣ пайдо кард, ки ба халқ омадани моро хабар диҳад. Ҷарчӣ карнаи дарозеро гирифта ба шаҳр баромада рафт. Вай дар сари ҳар чорраҳа аввал карнаяшро менавохт ва баъд ба халқ эълон мекард, ки дар меҳмонхонаи «Уқоби Сабз» як одамчаи майдаи аҷибе нишон дода мешавад, ки калониаш ҷонвари хурд барин, худаш чанд калима гап ҳам мезанад ва ҳар гуна бозиҳои ғалатӣ нишон медиҳад.

Аз ҳар тараф ба меҳмонхона одами бисьёре омада ҷамъ шуданд. Тамошобинҳоро ҳар дафъа сикасӣ медароварданд. Ман дар миёначои хона дар болои столи калоне меистодам. Дар паҳлуи стол дар болои



курсӣ Доячаам менишаст. Вай ба ман фармон медод, ки чи ҳунар нишон диҳам ва эҳтиёт мешуд, ки ба ман дахл накунанд.

Ман бошам, дар пеши чашми тамошобинҳо ба пасу пеш рафта меомадам, ба ҳар гуна саволҳои Доячa ҷавоб медодам, шамшерамро бозӣ мекунондам, бо одамон гуфтугӯ мекардам, ва ниҳоят барои саломатии онҳо як ангуштарин вино менӯшидам.

Великанҳо механдиданд ва чапакзанӣ мекарданд. Агар одамон дувоздаҳ маротиба ханданд, ман ҳам маҷбур мешудам, ки ҳамаи бозиҳои худамро боз дувоздаҳ маротиба такрор кунам.

Дояча ҳар қадар эҳтиёт кунад ҳам, боз қариб буд, ки маро зада маиб кунанд. Кадом як бача ба болои харак баромада, як чормағзро бо тамоми қувваташ ба тарафи ман парронд. Калонии ин чормағз мисли кадуҳои мо буд, агар омада мезад, бе ҳеҷ гуфтугӯ дар як нафас сарамро майда-майда мекард. Ба толеи ман бачаи бадбахт хато кард ва чормағз ба ман нарасид. Вайро аз болои курсӣ кашол карда бароварда, ҳай карданд. Мо якчанд рӯз тамошо дода, баъд ба хонаамон баргаштем. Ман чунон сахт азоб кашида будам, ки базӯр ба по рост меистодам. Аммо хӯҷаин маро ором намонд. Баъд аз чанд рӯз мо боз ба сафари нав баромадем. Ин дафъа хӯҷаин маро ба тамоми мамлакат гирифта бурд.

Қуттии маро бо латтаи мулоим пӯшонида дар тагаш кӯрпача партофтанд, ки ман худамро зада маиб накунам. Гоҳ-гоҳ аспро нигоҳ медоштанд ва Дояча маро аз қуттӣ мебаровард, ки аз ҳавои тоза нафас кашам.

Мо шаҳрҳои бисьёреро давр зада, дар он ҷоҳо тамошо нишон додем. Пуле ки ин хӯҷаини чашмгуруснаи ман ҷамъ кард, ҳисоб надошт. Ниҳоят, мо ба

шаҳри марказӣ рафтем, ки дар он ҷо шоҳи великанҳо зиндагӣ мекард. Хӯҷаин барои тамошо нишон додан дар наздикии қасри шоҳ як зали калонеро ба иҷора гирифт. Дар ин зал ман ҳар рӯз даҳмаротибагӣ тамошо нишон медодам. Тамоми одамон завқ карда буданд.

Ман акнун ба забони великанҳо озодона гуфтугӯ мекардагӣ шуда будам. Ғайр аз ин ман алифбои онҳоро омӯхта, ҳар гуна китобҳоро ҳам мехондам. Ҳарфҳоро ба ман Дояча ёд медод. Вай хурдтарин китоби алифборо барои ман ёфта харида овард. Ҳарфҳои ин китоб бисьёр аҷиб ва ба ҳарфҳои мо ҳеҷ монандӣ надоштанд. Ман муддати дароз онҳоро дар хотир дошта натавонистам. Аммо Дояча муаллимаи босабру тоқат буд. То тамоман ёд гирифтани алифбо вай ҳар рӯз ду маротиба ба ман дарс медод.

БОБИ ЧОРУМ

## МАН ЧИ ТАВР БА ҚАСРИ ШОҲ АФТОДАМ

Чашмгуруснагии хӯҷаин рӯз ба рӯз зиёд шудан гирифт. Ҳар қадар ки бойтар мешуд, ҳамон қадар бисьёртар пул кор кардан мехост. Вай ҳар рӯз даҳҳо бор тамошо нишон медоду намемонд, ки ман дурусттар дам гирам. Дар натиҷа ман чунон лоғар ва заиф шудам, ки танҳо устухонам монда буд. Хӯҷаин фикр кард, ки ман ба наздикӣ мемурам.

Дар худи ҳамин вақт яке аз офицерони подшоҳ асп давонда ба меҳмонхона омад.

— Малика амр кард, ки Одамчаро ба қаср биёрем,— гуфт вай ба хӯҷаини ман.— Раъи олии вай мехоҳад бубинад, ки ин чи гуна ҳайвончае будааст.

Маро ҳамон замон ба қаср бурда ба малика нишон доданд.

— Одамча,— гуфт малика,— ман мехоҳам, ки ту дар ҳамин қаср монӣ ва дар ҳамин ҷо зиндагӣ кунӣ, чӣ гуфтӣ — розӣ-мӣ?

— Ҷаноби олӣ,— гуфтам ман таъзимкунон,— ман бо ҷону дил мехостам дар пеши шумо монам, лекин намедонам хӯҷаин ҷавоб медода бошад ё не.

Хӯҷаинро ҷеғ зада оварданд. Малика аз вай пурсид, ки ба нархи дуруст маро ба ӯ фурӯшад. Хӯҷаин ба ҳазор тилло розӣ шуд. Хазиначӣ дарҳол пулро оварда шумурда дод.

Ман аз малика хоҳиш кардам, ки Доячаамро дар ҳамин ҷо ба пеши ман монанд. Малика розӣ шуд. Доячаам аз ҳад зиёд хурсанд шуд; вай маро чунон дӯст медошт, ки аз ман ҷудо шуда наметавонист. Хӯҷаин низ шод шуд, зеро духтарчаи вай акнун ба хизмати дарбор дохил шуда буд. Вай дар вақти рафтанаш бо ман дӯстона хайрухуш кард, аммо ман чизе нагуфтам. Аз ин мардаки чашмгурусна бисьёр қаҳрам омада буд.

Аз ҳамон рӯз сар карда зиндагии ман осонтар шуд. Малика ба ман ғамхорӣ мекард. Дуредгари қаср бароям як ҳавличаи чӯбин сохта дод. Дар даруни ин бино танҳо як хона буд, ки ҷои хоби ман ҳисоб мешуд. Шифти хона бо ҳалқа дуруст карда шуда буд, ки дар вақти даркорӣ кушода-пӯшида мешуд. Дар хона як кати лӯхтак ва ду шкафи либосовезӣ монда шуда буд. Ҳар пагоҳӣ Дояча шифти хонаро бардошта катро ба берун мебаровард ва хонаро тоза мекард. Шабҳо катро боз ба хона даровардa мемонду бомро мепӯшонид. Ғайр аз ин, барои ман аз устухони фил ду курсича, ду столча ва як ҷевони либосовезӣ дуруст карда доданд. Барои он ки дар вақти аз



як ҷо ба ҷои дигар бурдани хона ягон ҷои ман лат нахӯрад, тамоми деворҳои хона бо матои мулоим пӯшонида шуда буд. Ман хоҳиш кардам, ки дари хонаčаро қулфу калиддор кунанд, чунки метарсидам шабона мабодо калламушҳо ба хона надароянд. Устои оҳангар ба қулфи дар як калидчаи майда сохт, ки то ҳол дар ин ҷо касе надида буд. Ин калидча базӯр ба кисаи ман меғунҷид, аммо ман вайро ҳамеша бо худам гирифта мегаштам, вақти хоб дари хонаро маҳкам карда мегирифтам. Аз матои шоҳӣ барои ман костюм дӯхта доданд. Бо вуҷуди он ҳам ин шоҳӣ аз кӯрпаҳои мо ғафстар буд ва муддати дароз ман ба ин костюми нави худ одат карда натавонистам.

Вақте ки костюм тайёр шуд, малика маро рост кунонида ба кабинети шоҳ бурд, ки ба шоҳ — шавҳари худ нишон диҳад.

— Кай боз шумо бо ин гуна ҳайвончаҳо ҳавас пайдо кардед, хоним? — гуфта шоҳ пурсид ва оҳиста ба ман нигоҳ кард.

— Ҷанобашон, хато мекунед,— гуфт Малика,— ин одамчаи майда худи мову шумо барин одами боақл аст.

Малика маро ба болои столи хатнависӣ монду фармуд, ки саргузашти худамро ба шоҳ ҳикоя карда диҳам. Вақте, ки ман ҳикоя мекардам, шоҳ бодиққат ба ман нигоҳ мекард ва зиёдтар дар ҳайрат мемонд. Аммо ба ман чунин менамуд, ки шоҳ ба гапҳои ман ин қадар ҳам бовар намекунад. Саргузаштҳои ман барои вай бисьёр ҳам ҳайратангез буданд.

Шоҳ се нафар калонтарин донишмандони давлати худашро даъват карда овард. Ин ҷанобон маро бодиққат ба воситаи пурбин аз назар гузаронда, ба ҳамин қарор омаданд, ки ман заифтарин махлуқи дуньё ҳастам.

— Вай дуруст тохта наметавонад, — гуфтанд онҳо, — ба дарахт баромада наметавонад ва дар замин барои худаш лона — хона сохта наметавонад. Аҷаб, чӣ тавр вай зиндагӣ мекунад ва хӯрокаш чӣ бошад?

Ба ман фармуданд, ки даҳонамро кушода дандонамро нишон диҳам.

— Дандонҳояш ҳам худи дандонҳои мо барин, — гуфтанд донишмандон. — Лекин ин одам барои худ чӣ хел авқот меёфта бошад? Ҳар як муш аз ин одамча дида даҳ маротиба қувватноктар аст. Ҳар чи тавр гурба бо панҷаҳояш пачақ карда мепартояд. Эҳтимол авқоти ин одамча аз тӯқумшуллук ва ҳар гуна ҳашарот иборат бошад.

Онҳо боз аз сари нав ба фолбинӣ сар карданд, ки ман чи тавр махлуқ ва аз куҷо пайдо шуда бошам. Аммо ҳар чи қадар фикр кунанд ва ҳар гуна зӯр зананд ҳам, дар бораи ман ягон гапи дуруст гуфта натавонистанд.

Шоҳ дарғазаб шуда донишмандонро зада ба хонаашон ҳай кард. Вай фаҳмид, ки ман рост мегӯям, аммо донишмандони вай ҳатто намедонанд, ки дар он тарафи баҳр ҳамин гуна ман барин одамони хурд зиндагӣ мекунанд.

— Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба ин одамчаи аҷиб дурусттар ғамхорӣ кунед, — гуфт шоҳ ба занаш. — Монед вай дар ҳамин ҷо, дар қасри ман зиндагӣ кунад ва ҳеҷ мӯҳтоҷӣ накашад.

Малика маро чунон дӯст дошт, ки ҳар рӯз дар вақти хӯроккӯрӣ ба пеши худаш ҷеғ мезад. Столчаи маро ба паҳлуи оринҷи чапи вай мегузоштанд. Ман дар қафои стол нишаста дар табақчаҳои нуқрагин таом мехӯрдам. Малика мегуфт, ки табақчаҳои ман ба косаю табақҳои лӯхтакчаҳо, ки дар магазинҳои бозичафурӯшӣ мефурӯшанд, монанд аст. Доянча зарфҳои



маро баъд аз ҳар таомхӯрӣ мешуст ва ҳамеша онҳоро дар қуттии нуқрагин бо худаш гирифта мегашт.

Ман ҳиссаи гӯшти худамро майда-майда карда ба оҳистагӣ мехӯрдам. Малика бошад, як ронро бутун ба даҳонаш меандохт, баъд аз болояш бо қадаҳи калоне вино менӯшид. Калонии қадаҳ бочкаи мо барин буд; вай маи ин қадаҳро дам нагирифта менӯшид.

Ман як қадар ба великанҳо одат карда, ҳатто бо онҳо дӯстӣ пайдо кардам. Ҳамаи онҳо бо ман бо меҳрубонӣ ва бо хушӣ рафтор мекарданд. Танҳо як нафар паканачаи дарборӣ ба ман оромӣ намедод. То омадани май вай хурдтарин одами он мамлакат ҳисоб мешудааст. Ҳама ба вай нигоҳ карда ҳайрон мемондаанд. Вақте ки ман пайдо шудам, одамон ба вай ҳеҷ аҳамият надоданд; ман аз ин пакана чандин ма-

ротиба хурдтар будам. Пакана аз ман аз ҳад зиёд дарғазаб буд. Вай аксар маро оташин менамуд ва маро масхара мекард. Ман ҳам аз вай намемондам ва то мумкин буд ба ҳазлаш ҷавоб медодам. Пакана боз ҳам зиёдтар дар қаҳр мешуд.

Рӯзе дар вақти хӯроккӯрӣ малика иликро аз устухон афшонда гирифту устухони холиро ба табақча монд. Пакана инро дида, давида аз ҷояш хест ва маро бо ҳар ду дасташ аз болои курсӣ бардошта ба даруни устухони холӣ андохт. Ман то кифтам ба даруни вай даромада рафтам. Дояча дар ин вақт ба пеши буфет рафта буд ва малика ҳам аз ин ҳол бехабар монд. Ман шарм дошта, дод нагуфтам, барои ҳамин дам назада шиштан гирифтам. Хайрият ки устухон гарм набуд, набошад поям дар дарунаш месӯхт. Ниҳоят, малика ин кори паканаро дида маро аз устухон кашида гирифт. Паканаро соз карда кӯфтанд, агар ман ба миёна намедаромадам, тамоман аз кор зада пеш мекарданд. Бо ҳамин ин воқеа пасанда шуд.

Аммо пакана бо ин дам нашуд. Вай хост, ки аз ман дурусттар қасд гирад. Рӯзе дар вақти таомхӯрӣ вай аз гиребонам гирифту ба даруни косаи нуқрагини қаймоқнок партофт. Ман то гӯшҳоям ба даруни вай ғӯтида рафтам, агар обдониро намедонистам, ба тагаш ғӯтида мерафтам. Дояча дар ин вақт дар хонаи дигар буд, малика бошад чунон саросема шуд, ки чи навъ ба ман ёрӣ доданашро надониста монд. Хуб шуд, ки дар ҳамин вақт Дояча расида омаду маро аз даруни қаймоқ кашида гирифт, баъд дар ҷои хоб хобонданд. Либосамро кашида партофтанд, вай тамоман расво шуда буд. Паканаро боз хуб сарзаниш карданд ва дар болои ин маҷбур карданд, ки қаймоқи ман афтидагиро бихӯрад. Малика аз пакана бисьёр дарғазаб шуд ва баъд аз чанд рӯз ӯро ба як хоним —

дугонаaш инъом кард. Аз ҳамон рӯз ман бо ин бачаи бадкирдор дигар рӯ ба рӯ нашудам.

БОБИ ПАНҶУМ

## ДАР ВАҚТИ САЁҲАТ БА САРИ МАН ЧИ ГУНА ВОҚЕАҲО ОМАД

Саломатии ман рӯз то рӯз як дараҷа дуруст шудан гирифт. Дояча тез-тез маро барои ҳавои тоза гирифтан ба сайругашт мебурд. Устои харроти подшоҳӣ барои ба сайругашт бурдани ман қуттии махсус сохта дода буд. Тирезаҳои қуттӣ бо сим кашида шуда, аз ду тараф ду ҳалқаи маҳкам шинонида буданд. Дояча аз ин ҳалқаҳо тасмаи чармин гузаронида, вайро ба миёнаш мебаст. Баъд мо ба ароба савор шуда ба саёҳат мерафтем.

Баъзан Дояча қуттиро бо кучер — аробакаш медод, вай қуттиро дар болои зонуяш мегузошт. Ман гоҳ аз як тиреза ва гоҳо аз тирезаи дигар нигоҳ карда, воқеаҳои дар кӯча шуда истодагиро тамошо мекардам. Дар қуттии ман як ҷои хоби сафарӣ, ду стул ва як стол мавҷуд буд. Ҳамаи ин асбобҳо дар даруни қуттӣ маҳкам парчин карда шуда буданд. Дар шифти қуттӣ алвонҷи тӯрӣ овехта буд. Ҳар вақт аз ларзиши ароба монда шавам, ба алвонҷ даромада арғунчак мепаридам.

Мана, мо бо Дояча аз кӯчаи калонтарини шаҳр гузашта рафта истодаем. Аз ҳар ду тараф иморатҳои баланд қад кашидаанд, дар ҳама ҷо мардум гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ шудаанд. Ана, моҳигирон наҳангҳои калон-калонро ба бозор оварда истодаанд. (Камбағалҳои ин шаҳр аз гӯшти наҳанг шӯрбо мепазанд. Гӯшти наҳанг бемаза мешавад, лекин арзон аст). Ана,



дастаи саворaи аскари подшоҳӣ омада истодааст. Ин даста барои машқи ҳарбӣ мeравад. Великанҳои савора ба майдон рафта, баробари шунидани фармон якбора шамшерашонро ба даст мегиранд ва дар ҳаво бозӣ мекунонанд. Гӯё шамшер не, балки даҳ ҳазор барқ ба якборагӣ дар болои сар медурахшанд.

Ана, як тӯда одамони даҳаньяла дар атрофи аробаи мо ғун шудаанд, онҳо дод мезананд, механданд ва бо ангуштони худ маро нишон медиҳанд. Ман ба даруни хонаи худам бармегардам ва тирезаҳоро маҳкам мепӯшам, ки аз ин овози пурғулғулаи баланд кар нашавам.

Аксар вақтҳо Дояча маро ба боғи подшоҳӣ бурда, аз қуттӣ мебаровард ва ба замин сар медод, ки сайругашт кунам.

Дар ҳамон вақтҳое ки ҳанӯз пакана дар қаср зиндагӣ мекард, рӯзе мо бо вай дар назди дарахтчаҳои себ мегаштем.

— Ин дарахтро бинед, — гуфтам ман ба вай. — Тамоми дарахтон дароз-дарозу аммо мана ин дарахтчаҳои себ пастакак, худи одамони пакана барин.

Пакана фикр кард, ки ман ба қасди вай мегуфта бошам, аз ин гапам бисьёр бадқаҳр шуд. Вай поида гашт, вақто ки ман аз таги дарахтчаҳои себ мегузаштам, якбора дар болои сарам дарахтро афшонид. Аз дарахт себҳои калон омада афтидан гирифтанд. Калонии ҳар себ бочкача барин буд. Як себ омада ба кифтам чунон зад, ки ба замин дароз кашида ғалтидам. Малика мехост пакanaро ҷазо диҳад, лекин ман ба миёна даромада вайро халос кардам.

Дар вақти дар мамлакати великанҳо зиндагӣ карданам, бисьёр ҳодисаҳои бадбахтона аз сарам гузашт. Ман барин одамчаи хурдро азоб додан кори мушкил набуд. Рӯзе дар боғ бе Дояча сайругашт мекардам, ки якбора жолаи сахт борид. Донаҳои жолаи боридаистода чунон омада задан гирифтанд, ки ман ба замин афтода қариб аз хуш рафтам. Як навъ карда гавак-гавак ба даруни ҷӯя рафта даромадаму рӯямро ба замин карда хобидам. Вақте ки Дояча маро кофта ёфт, ман ба мурдан наздик расида будам. Баъд аз ин воқеа даҳ рӯзи озод ман дар кат наҷунбида хоб кардам.

Дар худи ҳамон боғ ба ман боз як воқеаи бадбахтонае рӯй дод. Ин дафъа ҳам танҳо мегаштам. Дояча бо дугонаҳои худаш дар гӯшаи дигари боғ бозӣ мекāрд. Ман дар таги дарахт дароз кашида хоб рафта, дам мегирифтам ва саргузаштҳои аҷиби худамро аз фикр мегузаронидам. Баногоҳ аз байни буттаҳо як саги сафеди калон баромада омаду маро ба даҳони худ

гирифта, ба пеши хӯҷаинаш — боғбон бурд. Вай боғбонро пайдо карду маро оҳиста ба пеши пои ӯ гузошт ва думи худро ҷунбонида ба як гӯша истод. Хуб ки саги ёд гирифтагӣ будааст: вай на танҳо ягон ҷоямро нагазид, ҳатто ягон ҷои либосамро надарронд. Боғбон бисьёр тарсид. Вай маро аз замин бардошта гирифту аҳволпурсӣ кард. Ман аз зарби тарс нафас гирифта наметавонистам ва чизе нагуфтам.

Баъд аз ин ҳодиса Дояча худамро танҳо ба ҳеҷ ҷой намонд. Ин ҳол маро бисьёр хафа кард. Ман саёҳати танҳо-танҳои худамро дӯст медоштам. Дар танҳоӣ дар бораи худ фикр кардан ва ватани дури худро ба хотир овардан хуб ва осонтар аст. Аз ин сабаб баъзе воқеаҳои нохуши майдаро аз Дояча пинҳон мекардам.

Рӯзе як калхот рост ба тарафи ман парида омад, агар ман аз вай дар таги бутта руст намешудам, чанг зада гирифта мебурд. Дафъаи дигар ба лонаи кӯрмуш афтида, то гардани худ ғӯтида рафтам ва либосамро тамом олондам. Паррандаҳои майда аз ман қатъиян наметарсиданд. Аксаран онҳо аз паҳлуи ман ба ҳар тараф меҷаҳиданд, ки барои худашон кирм ва гамбусак пайдо кунанд. Ба хотир дорам, ки як зоғчаи нобакор чӣ тавр самбӯсаи дар дастам будагиро бо нӯлаш зада гирифт. Самбӯсаро Дояча барои ноништа ба ман дода буд. Ман хостам самбӯсаро аз вай пас гирам, лекин зоғ рӯяшро ба тарафи ман гардонида ба дастам сахт нӯл зад. Маҷбур шудам, ки аз баҳри ноништаам гузарам.

Ҳатто оруҳо ҳам аз ман наметарсиданд. Боре ман дар пеши тиреза нишаста, нону мураббо мехӯрдам. Якбора виззоси бисьёр баланде ба гӯшам расид, гӯё бист сурнай ба якборагӣ дар таҳти тирезаи ман навохта мешуд. Ба хона якчандто ору парида даромад,

ки калонии ҳар кадомаш кабк барин буд. Оруҳо парида худашонро ба мураббо заданду нонамро ба ҳар тараф кашола карда бурданд. Онҳо виззасзанон ба чор тарафи хона мепариданд. Ман шамшерамро гирифта ба ин ҳашароти зарарнок ҳамла кардам. Чортоашро зада афтондам, дигарашон аз тиреза баромада гурехтанд. Оруҳои кушта шудагӣ рӯболо хобида ҳанӯз ҳам нешҳояшонро меҷунбониданд. Нешҳои онҳо сӯзан барин дароз ва тез буданд. Ҳар чори ин оруҳоро ман нағз нигоҳ дошта, баъд бо ҳамроҳи дигар чизҳои камьёб ба Англия овардам. Се оруро ба музей якеашро барои хотира дар хонаи худам мондам.

БОБИ ШАШУМ

## МАН МАЛИКАРО ЧИ ТАВР АНДАРМОН МЕКАРДАМ

Дар меҳмонхонаи малика як пианинои калон меистод. Ман дар бачагиам камтар мусиқӣ машқ мекардам, акнун ба ҳамин фикр омадам, ки бо ин ҳунари худ маликаро хурсанд кунам. Аммо ба навохтани ин гуна асбоби калон ман хурдӣ мекардам. Лекин илоҷи инро фикр карда ёфтам.

Аз чӯби сахт ман дуто калтаки калон сохтам. Нӯгҳои ғафси калтакчаҳоро бо пӯсти муш печонидам, ки тугмаҳои пианино зарб нахӯрад. Ба пеши пианино курсии баланд монда, маро ба болои вай гузоштанд. Ман дар рӯи курсӣ пасу пеш давида, бо калтак тугмаҳои пианиноро мезадам. Бо ҳамин ҳилаю найранг ман якчандто ашӯлаҳои англисиро ба малика навохта додам. Малика бисьёр хурсанд шуда буд. Аммо ман аз зарби ба ҳар тараф давидан базӯр нафас рост мекардам. Ин кор барои ман осон набуд.

Бозии дигареро худи малика фикр карда баровард.

— Ҳой, Одамча,— гуфт вай рӯзе,— аз ӯҳдаи қаиқронӣ мебарой-мӣ? Ин барои сиҳатии ту бисьёр фоиданок аст.

— Ҷаноби хоним,— гуфтам ман,— қаиқро ронда метавонам, лекин масъала дар ин ки қаиқҳои ин ҷо барои ман бисьёр калон ҳастанд. Ман аз ӯҳдаи рондани онҳо намебароям.

— Илоҷи ин кор осон,— гуфт малика.

Худи ҳамон рӯз ба устои харрот фармуд, ки қаиқчаи майда созад. Баъд аз даҳ рӯз қаиқ тайёр шуд. Вай бисьёр зебо сохта шуда буд ва дидан ҳамоно ба ман маъқул шуд. Баъд устои харрот як тағораи чӯбини калон дуруст кард. Тағораро хуб дида баромаданд, ки мабодо аз ягон ҷояш об нагузарад, пас аз он вайро дар хонаи калон гузоштанд. Ба тағора об рехта қаиқро ба дарунаш сар доданд.

Ҳама чиз тайёр буд. Ман дар қаиқча нишаста бо белҳо рондан гирифтам. Занҳои қасри король ҳамагӣ атрофи тағораро гирифта буданд. Баъзеҳояшон бодбезаки худро кушода ба бодзанӣ даромаданд. Аз ин бодзании онҳо шамол хест. Ман зуд бодбони қаиқро рост кардам, бодбон аз шамол таранг шуда қаиқ ба пеш ҳаракат кард. Малика хандид ва ба хизматгорон амр кард, ки аз тарафи дигар ба қаиқ пуф кунанд. Ман бо устогӣ бодбонро ба дигар рӯ гардонда, қаиқро ба ақиб гардонда бурдам. Аз чусту чолокии ман ҳама завқ карданд. Пас аз тамом шудани шинокунӣ Дояча қаиқро ба хонаи худ бурда ба мех овехт, ки хушк шавад.

Боре дар вақти шинокунӣ ба ман як воқеаи нохуше рӯй дод. Хизматгори ба тағора оби нав меандохтагӣ нафаҳмида як қурбоққаи калонеро бо об ба тағора



андохта мондааст. Вақте ки ман ба қаиқ савор мешудам, диққат накардаам, қурбоққа дар таги об пинҳон шудааст. Аммо ҳамин ки ба миёначҷои об рафтам, якбора қурбоққа ҷаҳида ба қаиқ баромад ва дар болои сарам ба пешу ақиб ҷаҳидан гирифт. Ман бел-чаро бардоштаму кашидаю кушода ба сари қурбоққа задам. Қурбоққа ҳамон замоно ба таги об пинҳон шуду дигар худашро нишон надод.

Аммо воқеаи даҳшатноке ба ман бо маймун рӯй дода буд. Аз ин воқеа ман чунон ҳам тарсида будам, ки ҳатто ҳикоя карданаш душвор аст. Воқеа ин тавр шуда буд.

Дар яке аз рӯзҳои гарми тобистон Доячаам ба меҳмонӣ рафта, маро дар хона танҳо монда буд. Ман дар хоначаи худ нишаста пинак мекардам. Ногоҳ овози тақ-тақ шунида шуд. Ман сарамро аз хона баровардам ва тарсида худамро ақиб кашидам. Дидам, ки як маймуни калон аз тирезаи кушодагӣ ба хона даромада, дар рӯи хона давида гаштааст. Якбора вай ба хоначаи ман пешпо хӯрду вайро бо панҷаҳояш бардошт ва ба ҳар тарафаш нигоҳ кардан гирифт. Ман дар гӯшаи хонача ҷой шуда, овоз набароварда менишастам. Аммо маймун аз тиреза нигоҳ карда маро дид ва панҷаи пашминашро ба даруни хона дароз кард. Бояд ман ба таги кат руст мешудам, лекин аз даҳшати тарсу ваҳм чизе ба хотирам намерасид. Ба гӯшаи дигари хонача гурехтам. Маймун маро дошта гирифтанӣ шуд. Ман як-ду маротиба хато дода аз дасташ гурехтам, лекин дар дафъаи сеюм вай аз камзӯлам дошта гирифт ва ба берун кашола карда баровард.

Эҳтимол маймун фикр кард, ки ман бачаи майдаи маймун ҳастам.

Вай маро маҳкам ба синааш зер карда навозишкорона сарамро мемолид. Ман аз дасти вай халос шуда



гурехтан мехостам. Аммо илоҷ набуд. Маймун чунон маро фишор дод, ки устухонҳоям қасаррос зада рафт. Ман ҷим шудам ва ҳатто наҷунбидам.

Баногоҳ дар кушода шуд. Дояча ба хона даромад. Маймун худашро аз тиреза ба берун партофт. Вай бо се панҷаи худ тарновро дошта ба болои бом баромад. Бо панҷаи чорумаш маро дошта буд. Аз дур овози бадҳайбати Дояча ба гӯшам мерасид. Бечора духтарак аз ин аҳволи бадбахтонаи ман тарсида, қариб буд девона шавад.

Дар қаср ҳама бесаришта шуданд. Хизматгорон барои овардани нардбон давиданд. Арғамчин оварданд. Дар ҳавлӣ одами бисьёре ҷамъ шуд. Ҳама сари худро бардошта ба боло нигоҳ мекарданд. Дар боло, дар теппаи бом маймун менишаст. Вай бо як панҷаи худ мисли кӯдак маро дошта, бо панҷаи дигараш даҳонамро бо чормағзе ки дар халтааш буд, гирифта пур мекард. Агар чормағзи вай додагиро нахӯрам, вай оташин шуда ба кифтам мезад.

Чӣ кор кардан даркор? Бачаҳо барои ин ки маймунро тарсонда аз бом фуроранд, ба вай санг мепаррониданд. Аммо ин корро ба онҳо манъ карданд, зеро мумкин буд санг ба ман зада сарамро кафонад.

Нардбонҳоро монда якчанд кас ба болои бом баромад. Маймун фаҳмид, ки сепоя гурехтан осон нест. Вай маро дар болои бом монду худаш ба боми ҳавлии дигар ҷаҳида гузашта рафт.

Ман дар баландии ҳайбатнок танҳо монда будам. Дар ҳар лаҳза эҳтимоли ба замин афтидан буд. Агар шамол сахттар мевазид манро ба замин ҳаво медод. Аммо ба толеи ман ин тавр нашуд. Хизматгори Доячаам ҷавони баҳодур аз ҳама пештар ба пешам баромад ва маро ба кисааш андохта сиҳат-саломат ба поён фуровард.

Маймунро дар худи ҳамон рӯз дошта гирифта, ба ҳайвонотхона фиристоданд. Аз ҳамон рӯз сар карда дар сарой дигар ягон ҳайвонро нигоҳ намедоштагӣ шуданд.

БОБИ ҲАФТУМ

## МАН ЧӢ ТАВР МАМЛАКАТИ ВЕЛИКАНҲОРО ПАРТОФТА РАФТАМ

Аз рӯзи ман ба мамлакати великанҳо омаданам, ду сол гузашт. Ман ватани худамро бисьёр ёд карда будам. Ҳар қадар ки малика маро дӯст медошт, ҳар қадар, ки одамони вай ба ман хуб нигоҳубин мекарданд, бо вуҷуди он барои онҳо ман як ҳайвончаи хандаовар будам ва маро мисли худашон одами ҳақиқӣ ҳисоб намекарданд. Ин аҳвол ба ман бад таъсир мекард. Аммо чӣ илоҷ? Ватани ман, хешу табор ва ёру дӯстонам дур, дар он тарафи бахр буданд, намедонистам, ки ягон вақт ба он ҷо меравам, ё не.

Дар сари соли сеюм подшоҳ ва малика ба сафари саёҳат баромаданд. Ману Доята ҳам ҳамроҳи онҳо равона шудем. Маро дар қуттии сафарии худам ме-

бурданд. Дар ин қуттӣ барои ман як алвончи абрешимини бисьёр боб овехта шуда буд. Дар роҳ ман дар алвонч дароз кашида хоб мерафтам, дар даруни вай алвончхӯрӣ камтар буд.

Дар боми қуттӣ, дар болои алвонч устои харрот як даричаи давра карда буд, ки аз он ҷо ҳавои тоза медаромад. Дар вақти обу ҳавоҳои бад даричаро маҳкам мепӯшонидам. Аз миёнаҷои болои қуттӣ як ҳалқаи оҳанин шинонида буданд, ки қуттиро хизматгор бардошта бурда тавонад.

Мо ба як шаҳри калони канорибаҳрӣ расидем. Ман тезтар рафта баҳрро тамошо карданӣ шудам.

«Кӣ медонад,— ман фикр мекардам,— мумкин аст ин ҳамон баҳр бошад, ки як вақтҳо маро ба мамлакати ин великанҳо ҳаво дода бошад ва шояд маро ба ватани худам баргардонанд».

Ба бадбахтии ман Дояча дар роҳ шамол хӯрда, нотоб шуда буд ва аз хона баромада наметавонист. Ман хоҳиш кардам, ки маро бо хизматгоре ки вай бо ман бисьёр хуш муомила мекард, дӯст медошт ва чанд борҳо бо ман гашта буд, ба тамошо фиристонанд. Ҳеҷ аз хотирам намебароядх, ки чи тавр Дояча бо дили ноxоҳам маро ба ин саёҳат рухсат дод. Бечора духтарак бо ман видоъ карда сахт гирья кард. Гӯё вай ҳис мекард, ки маро охирин дафъа мебинад.

Хизматгор қуттиро гирифта маро ба канори баҳр бурд. Ман ба вай фармудам, ки қуттиро дар болои харсанг монда худаш оббозӣ кунад. Хизматгор рафт. Ман бо дарду алам муддати дарозе ба баҳр нигоҳ кардам, баъд тирезаро пӯшида дар алвонч дароз кашида ва хоб рафтам. Роҳ маро бисьёр монда карда буд.

Баногоҳ қуттӣ сахт ба ларза даромад. Ман чашмамро кушодам. Касе аз ҳалқаи болои қуттӣ кашидагӣ

барин шуд. Қуттӣ ба ҳаво баланд шуда бо як суръати тез парвоз карда мерафт.

— Ёрӣ диҳед! — гуфта фарьёд кардам.

Аммо фарьёд фоида надошт. Ман аз тиреза нигоҳ карда фақат осмону абрро дидам, халос. Дар болои сарам овози болҳои калоне шунида мешуд. Албатта, уқоб қуттии маро бардошта бурда истодааст, ки ба болои харсанг партояд.

Уқобҳо сангпуштро ҳамин тавр мепартоянд, онҳо сангпуштро ба болои санг партофта косахонаашро мешикананд ва баъд сайди худро мехӯранд.

Ногоҳ қуттӣ аз як тараф ба тарафи дигар алвонҷ хӯрдан гирифт. Дар боло овози занозанӣ шунида шуд. Ба уқоби ман уқобҳои дигар ҳамла карда қуттиро зада гирифтанӣ шудаанд. Дар ҳаво ҷанг сар шуд. Баногоҳ ман ҳис кардам, ки қуттӣ бо як тезӣ ба паст меравад. Нафаси ман мегашт. Як шалпоси воҳиманоки об шунида шуду даруни қуттӣ шаб барин торик гашт. Ман фаҳмидам, ки қуттӣ дар баҳр афтида ба таги об ҷӯкида истодааст. Як дақиқаи тамом гузашт. Қуттӣ ба оҳистагӣ боло баромадан гирифт. Дар андак вақт аз қисми болои тиреза равшанӣ намоён шуд.

Ба толеи ман қуттӣ бисьёр маҳкам сохта шуда будааст, ки дар вақти ба об афтоданаш нашикаст. Ҳатто ба дарунаш бисьёр кам об даромад. Аммо ман аз зарби ҳавои вайроншудаи қуттӣ базӯр-базӯр нафас мекашидам. Як навъ карда аз алвонҷ хестаму тирезаро нимроғ кардам. Ҳавои тоза димоғамро кушод ва тарси ман пасанда шуд.

Акнун фаҳмидам, ки ба кадом аҳволи бад афтодам. Агар ягон оинаи тиреза шиканад, об ба даруни қуттӣ пур мешуд. Дар он вақт ман аз марг халос шуда наметавонистам. Агар мабодо қуттӣ ба харсанг



рафта занад, вай майда-майда мешаваду ман бошам, дар ин бахри пурталотум махв мегардам.

Дурусттар нигоҳ карда дидам, ки об аз сӯрохҳои қуттӣ кам-кам гузашта истодааст. Ман зуд пеши кор-ро гирифта, бо рӯйпоккун ва дигар латтаҳо то таво-нистам сӯрохҳоро маҳкам кардам.

Якчанд соат гузашт, ки ман дар баҳр мерафтам. Ак-нун умеди халосӣ надоштам. Якбора касе аз ҳалқаи қуттӣ, ки барои тасма карда буданд, кашидагӣ барин шуд. Қуттиро як-ду бор ҷунбониданду баъд ба тара-фе кашиданд.

Ман бо як азоб ба болои стул баромадаму даричаи давраро кушодам. Баъд даструмолчаамро ба нӯги чӯб баста ба берун дароз кардам.

— Ёрӣ диҳед! — гуфта фарьёд кардам ва рӯмолча-

ро бод додан гирифтам. Аммо ҳеҷ ҷавобе нашуд.

Ниҳоят қуттии ман ба як чизи сахте рафта зад. Ба болои қуттӣ арғамчин партофтанд. Ман шунидам, ки қуттӣ дар вақти ба ҳалқа гузарониданашон чи гуна ғиҷир-ғиҷир мекард. Баъд қуттиро болотар бардошта ба чизе бастанд. Ман аз нав рӯмолчаро ба нӯги чӯб баста ба ёрӣ ҷеғ задам.

— Ин чӣ аҷиба бошад! — аз берун овози касе шунида шуд. — Худи як кас аз қуттӣ ҷеғ зада истодагӣ барин!

Дар болои қуттии ман овози пое шунида шуду баъд аз як дақиқае касе аз дарича ба даруни қуттӣ нигоҳ кард.

— Агар дар ин ҷо ягон кас бошад, овозашро барорад.

— Ба ман ёрӣ диҳед, — гуфта ҷавоб додам. — Маро аз ин зиндон халос кунед. Мумкин аст, ки ҳар дақиқа дар об ғарқ шавам.

— Парво накунед, — гуфта ҷавоб дод касе, — қуттии шумо ба киштӣ баста шудагӣ. Пас аз муддате усто омада боми қуттиро арра мекунад, баъд шумо берун мебароед.

— Ҳеҷ як усто лозим нест! — гуфта фарьёд кардам ман. — Ангуштатонро ба ҳалқа гузаронеду бомро бардоред, худаш кушода мешавад.

— Магар шумо девона шудаед, — гуфт овоз, — ман великан нестам, ки бомро бо як ангушт бардорам.

Пас аз муддате бомро арра карда кушоданд ва ман бо нардбон ба рӯи киштӣ баромадам. Атрофи маро одамони оддие ки мисли худи ман буданд, иҳота карданд. Ин одамон ҳамватанони худам — англисҳо буданд.

БОБИ ҲАШТУМ

## МАН ЧӢ ТАВР БА АНГЛИЯ БАРГАШТАМ

Матросҳо ва капитани киштӣ ба ман ҳазорҳо савол медоданд, аммо ман чунон бедармон шуда будам, ки қувваи ҷавоб додан надоштам. Бинобар он маро ба кабинети капитан бурда дору доданд ва хобониданд, ки истироҳат кунам.

Ман далер ва хурсанд аз хобам бедор шудам. Соати ҳашти бегоҳ буд. Капитан фармуд, ки хӯроки бегоҳӣ диҳанд. Ба фикри вай ман гӯё чанд рӯз боз гурусна бошам. Дар вақти таомхӯрӣ капитан ба ман ҳикоя кард, ки чи тавр аз киштӣ қуттии маро дидаанд. Капитан вайро ба воситаи дурбин дидааст. Аввал вай нафаҳмидааст, ки чӣ бошад. Қаиқро ба об фуроварда шинокунон наздиктар омада мебинанд, ки дар рӯи об хонае шино мекунад. Баъд хонаро ба арғамчин баста ба тарафи киштӣ кашола мекунанд. Дар ҳамин вақт рӯмолчаи аз дарича баромадагиро мебинанду маро аз ин зиндон халос мекунанд.

— Иқрор шавед,— гуфт капитан,— эҳтимол шумо ягон касеро кушта молашро ғорат кардаед, барои ҳамин ҳам шуморо ба ин сандуқ андохта ба баҳр пар-тофтаанд.

— Шумо хато мекунед, капитан,— гуфтам,— гӯш кунед, ман саргузашти худамро ҳикоя карда диҳам.

Ман тамоми воқеаҳои дар мамлакати великанҳо дидагиамро ба вай ҳикоя карда додам.

Дар ҳамин вақт як матрос ба кабинет даромада гуфт, ки тамоми асбобҳои маро ба киштӣ фуроварда, қуттии холиро ба баҳр партофтаанд. Ман хоҳиш кардам, ки комоди маро ба кабинети капитан даровар-данд. Тамоми чизҳои аз мамлакати великанҳо ғун-



кардаам дар даруни ҳамон буд. Вақте ки комодро оварданд, ман ҳамаи аҷибаҳои худро ба капитан нишон додам.

Дар даруни ин ашьёҳо шонае буд, ки ман аз риши подшоҳ сохта будам. Якчанд адад сӯзан ва сарсӯзанҳое буд, ки ғафсиашон найшакар барин буд. Як адад ангуштарини тилло буд, ки як рӯзе малика аз ангушти хурдаш гирифта ба ҷои зеби гардан ба гарданам овехта буд. Ниҳоят як дандон низ буд, ки аз даҳони як нафар великан саҳван кашида гирифта буданд. Дандон тамоман дуруст буд. Ман шуста тоза карда ба шкаф гирифта монда будам.

Ин дандонро ман ба капитан инъом намудам. Капитан аз ин инъоми ман бисьёр хушнуд шуда, ба ман хеле ташаккур намуд.

—Ман мебинам, ки шумо, Гулливери азиз,—гуфт вай,—дар ҳақиқат дар байни великанҳо будед. Аммо шумо ба ман як чизро гӯед, ки чаро дар вақти ҳикоя карда истодани саргузаштҳоятон ин қадар дод мезанед? Оё великанҳо кар буданд?

Танҳо дар ин вақт ҳис кардам, ки ман бо капитан бо овози баланд гап зада истодаам. Ман бо великанҳо ҳамин хел гап зада одат карда будам. Чи тавре ки ба одамони дар болои манори баланд истодагӣ баланд гап мезананд, бо великанҳо ҳам ҳамин тавр дод гуфта гап задан даркор буд, набошад онҳо намешуниданд. Дар бадали ду сол ба гапзании баланд чунон одат карда будам, ки гапи оддӣ ба гӯшам пичир-пичир барин мерасид.

Ман одатҳои аҷиби дигаре ҳам доштам. Пас аз великанҳо одамҳои оддӣ ба чашмам гамбусакчаи майда барин менамуданд. Вақте ки киштии мо ба Англия расид, ман ба хона омадам ва занам ба пешвози ман баромад. Вай мехост маро ба оғӯш гирад, ман зуд дузону нишастам. Ман фикр кардам, ки дасти вай ба гарданам намерасад. Азбаски дар вақти раҳравӣ сарамро ба боло бардошта гаштан одат карда будам, духтарчаи хурдтаракамро надида мондам. Хулоса, ман чунон рафтор мекардам, ки рафиқонам маро девона мепиндоштанд. Ҳатто занам гуфт, ки ман дигар рӯи баҳрро намебинам. Вале вай хато карда буд.

Ман дар умри худам боз бисьёр саргузаштҳоро аз сар гузаронидам.

Ман дар ҷазираи калони парвозкунанда зиндагӣ кардам. Чандин сол дар мамлакати аспҳо будам. Аммо великанҳоро дигар дар ҳеҷ ҷой надидам. Онҳо бисьёр дур, дар он тарафи баҳр монда буданд. Касе роҳи мамлакати онҳоро намедонад.

## МУНДАРИҶА


Гулливер дар байни лилипутҳо . . . . . . . . . 3
Гулливер дар байни великанҳо . . . . . . . . . 63
Боби якум. Ман чи тавр дар байни великанҳо афтодам . . . . . . . . . 64
Боби дуюм. Ман дар ҳавлии хӯҷаин чи тавр зиндагӣ кардам . . . . . . . . . 69
Боби сеюм. Чи тавр маро ба шаҳри ҳамсоя ва баъд ба марказ бурданд . . . . . . . 71
Боби чорум. Ман чи тавр ба қасри король афтодам . . . . . . . . . . . . 78
Боби панҷум. Дар вақти саёҳат ба сари ман чи гуна воқеаҳо омад . . . . . . . . 85
Боби шашум. Ман маликаро чи тавр андармон мекардам . . . . . . . . . 89
Боби ҳафтум. Ман чи тавр мамлакати великанҳоро партофта рафтам . . . . . . 94
Боби ҳаштум. Ман чи тавр ба Англия баргаштам . . . . . . . . . . . . 99

**БАРОИ БАЧАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ**

*Джонатан Свифт*

# ПУТЕШЕСТВИЯ ГУЛЛИВЕРА

(На таджикском языке)

Муҳаррир *И. Мирзоева*
Муҳаррири ороиш *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Н. Мансурова*
Мусаҳҳеҳ *Ҳ. Неъматов*

Ба матбаа 20. 01. 81 супурда шуд. Ба чопаш 28. 07. 81 имзо карда шуд. Коғази офсетӣ $70 \times 90^1/_{16}$. Гарнитураaш «Балтика». Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ шартӣ 7,605. Ҷузъи ... гаи шартӣ 8,345. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,5. Адади нашр 50000 нусха. Супориши № ...
Нархаш 15 тин.

Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб,
Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.



рвая га
сти»]. — Т
кшида ба

**Свифт Ҷонатон**

Саёҳати Гулливер (Барои бачагони синни хурди мактабӣ. Тарҷ. аз русӣ).
Душанбе, «Маориф» 1981.

Дар ин китоб саргузашти аҷоибу ғароиби духтур — Гулливер, ки аз хурдӣ сафари дарьё ва мамлакатҳои дурдастро дӯст медошт, дар байни лилипутҳо ва великанҳо хеле шавқовар тасвир ёфтааст.

**Свифт, Джонатан**

Путешествия Гулливера

**и (Англ)**

**© Нашриёти «Маориф», Душанбе, 1981.**